“АЛИФ БОНК” БАЪЗЕ МАҲДУДИЯТҲОРО БЕКОР КАРД с.3

РАИСИ СОВХОЗИ ВАХШ РАИСИ НОҲИЯ ДАР РУСИЯ ШУД с.4

ДУШАНБЕ СИТИ ЧАРО МАРДУМРО САРСОН МЕКУНАД? с. 6

ТОҶИКИСТОН

№17 (1476) 27.04.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!

СЕ ШАРТИ АРАБИСТОНИ САУДӢ БА ҲОҶИЁНИ ТОҶИК



ДИГАР КАСОНИ АЗ 65-СОЛА БОЛО БА ҲАҶ РАФТА НАМЕТАВОНАНД



МАРЯМ ИСОЕВА:
65 сол хизмат кардан осон нест!
с.11

МУҲОҶИРАТ БА БРИТАНИЯ
Киро ба кор қабул мекунанд?
с.3

ЭММАНУЭЛ МАКРОН
Шарики Эмомалӣ Раҳмон президенти Фаронса шуд!
с.4



МУРОҶИАТ
Се тақозо аз вазири маориф
с.6

ДУШАНБЕ-ЧАНОҚ
Маҳдудияти нав дар роҳи Душанбе - Хуҷанд
с.5

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Мухтор БОҚИЗОДА,
шореҳи сиёсӣ

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

31,8 ФОИЗ НИЗОМНОМАИ СТИПЕНДИЯИ «ДУРАХШАНДАГОН» РИОЯ НАШУД

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои ислоҳи камбудиҳо дар соҳаи маориф ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон супориш дод, ки оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷ тадбирҳои амалӣ андешад.

Ҳамчунин, вазорату идораҳои дахлдор вазифадор шудаанд, ки барои бо ҷои кор таъмин намудани шаҳрвандоне, ки тариқи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дурахшандагон" муассисаҳои олӣ ва илмии давлатҳои хориҷиро хатм кардаанд, мусоидат намоянд.

Ин масъала 26-уми апрел дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дод. Бино бар иттилои маркази матбуоти Сарвари давлат, дар кори маҷлис нахуст ҳисоботи раиси Комиссияи чумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ, дар бораи вазъи таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, самаранок истифода бурдани Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дурахшандагон" ва бо ҷойи кор таъмин гаштани онҳо дар давраи солҳои 2018-2022 гузориши муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён шунида шуд.

Дар асоси созишномаҳои ҳамкорӣ дар ҷумҳуриҳои аъзои ИДМ ва кишварҳои хориҷи дур ҳамасола зиёда аз 5 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Ҳарчанд шумораи зиёди хатмкардагон дар ҳошияи Стипендияи "Дурахшандагон" ба ҷойҳои корӣ ҳозир шудаанд, вале аз рӯи таҳлилҳо маълум мегардад, ки 31,8 фоиз тибқи тартиби муқарраргардида амал накардаанд.



Матлубахон Сатториён, муовини Сарвазири кишвар

САРМЕЪМОРИ ДУШАНБЕ АЗ МАҚОМАШ БАРКАНОР ШУД

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ сардори Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Қосим Усмонзодаро аз мақомаш озод намуд.

Қарори барканории Қосим Усмонзода 25-уми апрели соли равон содир шудааст. Гуфта мешавад, ки Қосим Усмонзода бо хоҳиши худ аз мансаби ишғолнамудааш озод карда шудааст.

Раиси шаҳри Душанбе ба ҷойи Усмонзода дар ин мақом Азизиён Самӣ Солиро таъйин кард. То ин замон Азизиён Самӣ дар вазифаи директори Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашии «Душанбешаҳрсоз» кор мекард.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

АНСАМБЛИ "ЗЕБО" БА ЎЗБЕКИСТОН РАФТ

Ансамбли давлатии рақсии «Зебо» барои иштирок дар Фестивали байналмилалии "Рақси лазгӣ" ба Ӯзбекистон сафар кард.

Дар фестивали мазкур, ки то 30-юми апрел дар шаҳри Хеваи Ӯзбекистон баргузор мегардад, 13 нафар ҳунармандони ансамбл таҳти роҳбарии Артисти халқии СССР Зебо Аминзода ва Директори генералии Иттиҳодияи давлатии гуруҳҳои эҷодию консертӣ Бахтовар Раҳмонзода иштирок менамоянд.

- Фестивал бо мақсади ҳифз ва рушди анъанаҳои қадимии санъати "Рақси хоразмии лазгӣ", мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстӣ ва бародарӣ миёни халқҳо тавассути санъати рақс дар ду сол як маротиба дар охири моҳи апрел баргузор мегардад,- иттилоъ медиҳад Вазорати фарҳанг.

САРИ САБЗ



Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА, вакили парлумони Тоҷикистон

- Ба қарибӣ баъзе аз падару модарон ба ман мурочиат карданд. Онҳо гуфтанд, фарзандонашон, ки дар мактабҳои олӣ мехонданд, мутаассифона, аз тарафи баъзе шахсон ба хидмати аскарӣ бурда шуданд...

- Ба гуфтаи раиси Маҷлиси намояндагон ҷаноби Маҳмадтоир Зокирзода, берун аз масъала гап назанед, аз мавзуъ дур наравед. Ҳозир вақти ин хел гапҳо не!



Нуринисо ПОДШОҲЗОДА, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҳуросон

- Шуъбаи маорифи МИҲД-и ноҳияи Ҳуросон чиҳати тақвият бахшидан ба рушди соҳа, ҳамчунин, иҷрои он ҷанбаҳое, ки ба соҳаи маориф тааллуқ дорад, аз ҳамаи имкониятҳо истифода мебарад.

- Нутқи бисёр ҳам форам, аммо шинос менамояд. Мабодо аз суханони ягон мудири дигар иқтибос нашуда бошад? Агар ин тавр бошад, дар нохунак гиред, лутфан.



Рустам ХОҶАЕВ, сармураббии дастаи "Хуҷанд"

- Чунин вазъияте аст, ки ман биравам, шояд хубтар шавад. Мураббии дигар биёяд, бозигарон шояд дигар шаванд, муносибаташон тағйир ёбад ва сатҳи даста боз баландтар гардад.

- Ана ҳамин "шояд"-аш устухон дар гулӯ да! Агар ҳамин "шояд" намебуд, метавонистед бемалол рафтан гиред.

МУҲОҶИРАТ БА БРИТАНИЯ

киҳоро аз Тоҷикистон ба кор қабул мекунанд?

Русия маро ба “рӯйхати сиёҳ” ворид кард. 10 сол дар Маскав ронандаи таксӣ будам. Хостам ба Туркия ё Қазоқистон равам, вале ба кишвари аввал эътимод надораму ба дуввумӣ роҳ ёфта натавонистам. Хабар ёфтам, ки Британияи Кабир тоҷиконро ба кор мегирад. Вале намедонам ба кучо мурочиат кунам. Як ҳамсоямон, ки омӯзгор аст, гуфт, ки ба ҳафтаномаи “Тоҷикистон”навис, мавзуъро пайгирӣ мекунад ва ба ту хабар медиҳад.

Амонқулов ШОДБАХТ,
сокини ш. Душанбе



«ДАР ЯК ҲАФТА БЕШ АЗ ҲАЗОР ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ МУҲОҶИРАТИ КОРӢ БА БРИТОНИЁ ДАРХОСТ ДОДААНД...

Куҷо беҳтар: Британия ё Русия

Дар саҳни ҳавлии МД “Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирон дар шаҳри Душанбе” бо Зафар Шарифов, сокини шаҳри Турсунзода вохӯрдам. Ӯ гуфт, ки пештар ҳам ба Британияи Кабир бо кумаки як ширкати хусусӣ барои кор рафта буд. Бори дуюм аст, ки мехоҳад ба он ҷо равад. Ӯ гуфт: “Чандин сол дар Русия муҳоҷир будам. Нони Русияро хӯрдам, кӯрнамакӣ намекунам, вале дар он кишвар шароити кор ва будубош барои муҳоҷирон хеле вазнин аст. Дар Британия шароит аз Русия хеле фарқ дорад. Кор дар он ҷо сабук ва маош зиёд аст. Муносибати корфармо бо коргар низ хеле хуб ”.

Зимнан ҳамсуҳбатам зикр кард, ки муҳоҷирати корӣ ба Британия мушкилӣ ҳам дорад.

“Мушкил дар он аст, ки як муҳоҷир наметавонад дар Британия беш аз муҳлати шартнома кор кунад. Барои мисол ширкатҳои британиёӣ бо коргар барои 6 моҳ, 9 моҳ ва 1 сол шартнома мебанданд. Муҳоҷир ҳақ надорад аз ин бештар дар он кишвар бимонад. Ҳол он ки, барои сафар, ҳуҷҷатгузорӣ ва будубош дар Британия маблағи зиёд масраф мешавад. Танҳо нархи чипта то Британия беш аз 20 ҳазор сомонӣ аст”,- мегӯяд ӯ.

Вале бо вуҷуди ин, Зафар мехоҳад бори дуввум ҳам ба Британия равад, на ба Русия. Ин дафъа ӯ ҳамроҳаш рафиқашро низ овардааст. Бурҳон Аслиддинов таърифи кор дар Британияро аз забони Зафар шунида, майли сафар ба ин кишварро кардааст.

“Ман забони англисиро медонам. Бинобар ин, ба ман низ ваъда карданд, ки виза медиҳанд”,- гуфт ӯ бо умедворӣ.

5 ҳазор талабгори кор

Чун Зафар ва Бурҳон талабгорони кор дар Британия аз Тоҷикистон хеле зиёданд. Аз МД “Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирон дар шаҳри Душанбе” мегӯянд, ки дар як ҳафта беш аз ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон барои муҳоҷирати корӣ ба Британиё дархост додаанд, вале фақат дусад нафари онҳо, ки забони англисиро медонанд, иҷозаи сафар пайдо карданд.

Талабгорони муҳоҷирати корӣ аз Тоҷикистон ба Британиё баъд аз эълони як ширкати аврупоӣ аз худ дарак доданд. Эълон ба воситаи идораи муҳоҷирати Тоҷикистон нашру паҳн шуд.

Диёр Норматов, мудири МД “Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирон дар шаҳри Душанбе” мегӯяд, ки ба зудӣ як гуруҳ коргаронро ба Британиё мефиристанд.

"Мо рӯйхати корҷӯёнро ба воситаи Сафорати Тоҷикистон дар Британиё ба ширкат фиристодем. Онҳо тамос гирифта, бо корҷӯён суҳбат карданд ва 244 нафарро интихоб намуданд. Дар марҳилаи аввал барои 69 кас даъвати кор омадааст. Ин афрод дар ҳоли таҳияи санадҳо ҳастанд",- шарҳ дод ӯ рӯзи 21-уми апрел.

Ин масъули идораи муҳоҷират мегӯяд, харҷи сафари корҷӯён ба Британиё аз ҳисоби худи онҳо пардохта мешавад. Онҳо дар як рӯз то ҳашт соат кор мекунанд ва барои ҳар соат кор то 12 доллар мегиранд. Вале Диёр Норматов низ таъкид мекунад, ки кор дар Британия мавсимӣ аст.

Барномаи давлатӣ

Коршиноси масоили муҳоҷират Давлат Саид мегӯяд, ки Тоҷикистон бояд масири Аврупоро барои муҳоҷирони корӣ тавсеа диҳад: “Феълан муҳоҷирони мо бо кӯшиши худ бештар ба Аврупо мераванд. Ба Британия низ бо талаби ширкати аврупоӣ рафта истодаанд. Яъне мақомоти Тоҷикистон кӯшиши пайдо кардани роҳҳои фиристодани муҳоҷиронро намеҷӯяд. Ҳол он ки, Аврупо метавонад мушкили бекориро дар кишвари мо қисман ҳал кунад. Бинобар ин, Тоҷикистонро зарур аст, ки барномаи мушаххаси давлатӣ таҳия карда, масири Аврупоро барои муҳоҷирон тавсеа диҳад”.

Аз солҳои навадум ба ин сӯ Русия кишвари асосии муҳоҷирпазир аз Тоҷикистон аст, вале солҳои охир шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи кору маоши беҳтар бо ҳар роҳе худро ба Кореяи Ҷанубӣ, Аврупо ва ё Амрико мерасонанд, аммо шумораашон зиёд нест.

О. НОЗИР



МАҲДУДИЯТҲОИ "АЛИФ" БЕКОР ШУД

Ҳафтаи гузашта “Тоҷикистон” оид ба маҳдудиятҳои нави “Алиф Бонк” матлабе таҳти унвони “Алиф Бонк” Тоҷикистони исломӣ месозад?” нашр карда буд. Баъди нашри ин матлаб ва сарусадои сокинон бо талаби Бонки миллии Тоҷикистон баъзе маҳдудиятҳои “Алиф Бонк” бекор карда шуд. Дар ин бора сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон хабар медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки “Алиф Бонк” бо далели гузаштан ба низоми исломӣ баъзе маҳдудиятҳо ҷорӣ карда буд: “Бар асоси усулу қоидаҳои шариат дар кортҳо пардохти маблағҳо барои бархе молҳо ва хидматрасониҳо маҳдуд карда мешаванд: муассисаҳои дилхушӣ, клубҳои шабона, барҳо, пабҳо, мағозаҳои молҳои динӣ, хадамоти шиносоӣ ва эскорт, мағозаҳои асбоби мусиқӣ, фортепиано ва нотаҳо, толорҳо ва студияву мактабҳои рақс, суғурта, андеррайтинг ва дигар молҳое, ки шариат манъ кардааст”,- омада буд дар эълони бонк.

Бонки миллӣ мегӯяд, ки рӯзи 20-уми апрел аз масъулони "Алиф" барои ҷорӣ кардани ин маҳдудият далел хост.

Масъулони бонк дар номаи ҷавобӣ гуфтаанд, ки баъзе аз пешниҳодҳои худро бознигарӣ карда, риояи баъзе маҳдудиятҳоро "ба зиммаи худи мизоҷон гузоштанд", "чун таъмини назорати ҳамаҷониба ғайриимкон аст".

Аз ҷумла: мағозаи асбоби мусиқӣ, фортепиано ва нотаҳо; гуруҳҳои оркестрӣ ва ҳунармандони гуногун; фурӯши суғуртаҳо, андеррайтинг ва пардохтҳои суғуртавӣ; мағозаҳои маҳсулоти динӣ.

Ба низоми исломӣ гузаштан ва бар асоси қоидаҳои шариат кор кардани бонк боиси баҳсу эътирозҳо шуд. Баъзе аз он пуштибонӣ карданд, аммо иддае хилофи низоми дунявӣ донистанд.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ



ОИЛАИ ПРЕЗИДЕНТ

Баъди марги ӯ чӣ тавр зиндагӣ мекунад?

15 сол пеш, рӯзи 23-юми апрели соли 2007 аввалин Президенти Русия Борис Елтсин дунёро падруд гуфт. Имрӯз оилаи ӯ чӣ тавр зиндагӣ мекунад? Дар ин матлаб пайгирӣ кунед.

Дар бӯстонсарои Горкий

Моҳи март ҳамсари Борис Елтсин Наина Елтсина 90-сола шуд. Вай то ҳол ҳаёти бисёр фаъол дорад, аммо ду соли охир, бинобар пандемия, хеле кам дар байни мардум пайдо мешавад.

Ин бори аввал нест, ки мардум дар интернет дар бораи нафақаи шахсии бевазани раҳбари як, хизматгоронаш ва "замини 3-гектарааш" баҳс мекунанд.

Воқеан, Наина Иосифовна аз ҳисоби кумакпулие, ки президенти ҳозираи Русия В. Путин соли 2007 бо фармони худ барои ӯ муқаррар карда буд, зиндагӣ мекунад. Дар соли 2009 ба фармон тағйирот ворид карда шуд ва маблағи он эълон шуд: 195 ҳазор рубл.

Ҳамчунин, истироҳатгоҳи собиқи Максим Горкий ба ин зан дахл дорад, вале ӯ дар бӯстонсарои шавҳараш иқомат мекунад.

Дачаи Елтсин соли 1995 бо пасандози шахсии Борис Николаевич сохта шудааст. Баъдтар ин хона аз нав сохта шуд ва имрӯз дар он Наина Иосифовна зиндагӣ мекунад. Ҳамсари президенти собиқ посбон, ошпаз ва боғбон дорад.

Духтари соҳибхоназан

Духтари калонии Елтсин Елена соҳибхоназан аст. Шавҳари ӯ Валерий Окулов дар вазифаи муовини вазири нақлиёти Федератсияи Русия кор мекард. Пеш аз ин ӯ солҳои зиёд директори генералии Аэрофлот буд. Ҳоло ӯ мушовири директори генералии PJSC United Aircraft Corporation мебошад.

Эъломияи Валерий Михайлович муддати тӯлонӣ нашр нашудааст, аммо маълум аст, ки духтари калонии нахустпрезидент, бо амволи ғайриманқул ва шавҳараш дорои саҳмияҳои Аэрофлот мебошад.

Домоди олигарх

Духтари хурдии Елтсин Татяна бошад, ҳаёти фаъол дорад. Ӯ хазинаи нахустин президенти Русияро раҳбарӣ мекунад ва узви Шӯрои сарпарастони Маркази Елтсин аст. Шавҳари сеюми ӯ, рӯзноманигор Валентин Юмашев дар солҳои 90-уми асри гузашта маъмурияти президентро раҳбарӣ мекард. Ҳоло вай ихтиёрӣ мушовири президент аст. Ӯ ҳамзамон узви правленияи МТС мебошад. Юмашевҳо хуб зиндагӣ мекунанд ва на танҳо дар Русия.

Соли 2021 маълум шуд, ки онҳо дар як ҷазираи ҳавзаи Кариб виллае бо арзиши 15 миллион евро доранд. Ҳамзамон, дар Рублёвка хонаи онҳо боҳашаммат аст.

М. САИДБУРҲОН

ЭММАНУЭЛ МАКРОН

- ШАРИКИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ПРЕЗИДЕНТИ ФАРОНСА ШУД



Дар интихоботи навбатии Фаронса, ки рӯзи 24-уми апрел баргузор гардид, Президенти феълии Фаронса Эммануэл Макрон бо гирифтани 58% раъйи мардум пирӯзӣ ба даст оварда ва барои панҷ соли оянда зимоми идораи ин кишвари муҳими аврупоиро ба дӯш гирифт.

Ле Пен: худро пирӯз меҳисобам!

Дар даври дуввуми интихоботи президентии Фаронса Макрон аз рақибаш, раҳбари Ҳизби «Иттиҳоди миллӣ" Марин Ле Пен пеш гузашт.



Ле Пен дар нахустин суханронии худ пас аз поёни даври дуввуми интихоботи президентӣ гуфт, ки "албатта мо мехостем натиҷа дигар бошад. Аммо ба даст овардани беш аз 42 дарсади овозҳо, худ як пирӯзии назаррас аст". Вай дар ин суханронии худ афзуд, ки «дар ин шикаст наметавонам эҳсоси умедворӣ надошта бошам».

Ӯ хабарҳо дар мавриди бознишаста шудан пас аз шикаст дар интихоботи президентиро рад кард ва таваҷҷуҳи тарафдоронашро ба интихоботи парлумонии Фаронса ҷалб кард, ки чанд ҳафта баъд доир мешавад. Хонум Ле Пен таъкид кард, ки рақобат ҳанӯз тамом нашудааст ва ҳизби ӯ барои курсиҳои парлумон мубориза мебарад.

Рекорди Макрон

Ғолиби сабқати интихоботи Фаронса Эммануэл Макронро нашрияи Le Monde рекордсмен арзёбӣ кардааст. Зеро Макрон панҷ сол пеш бо вуруд ба қасри президентӣ, номи худро ба унвони ҷавонтарин раҳбари Фаронса баъд аз Наполеон дар таърих сабт кард. Бо пирӯзӣ дар интихоботи рӯзи якшанбе оқои Макрон аввалин раиси ҷумҳури Фаронса дар 20 соли гузашта хоҳад буд, ки барои бори дуввум дар ин мақом ба фаъолият идома медиҳад. Охирин бор Жак Ширак дар интихоботи 20 сол пеш тавониста буд, ки барои бори дуввум президент интихоб шавад.

Макрон дар соли 2017, дар синни 39-солагӣ ба курсии президентӣ такя зада буд ва дар таърих аввалин номзад аз тариқи худпешбарӣ шуд. Панҷ сол пеш низ дар даври дуввуми интихобот ӯ ба Марин Ле Пен пирӯз шуда буд, аммо бо ҳисоби бештар.

Макрон ва Тоҷикистон

Фаронса як шарики муҳими сиёсии Тоҷикистон дар қаламрави Иттиҳоди Аврупо аст. Бори охир моҳи октябри соли 2021 Эмомалӣ Раҳмон дар як сафар ба Париж меҳмони Эммануэл Макрон шуд. Ин сафар, ба иттилои расмӣ, ба мавзӯи Афғонистони баъди сари қудрат омадани "Толибон" рабт дошт, ки эътирофи ҳукумати ин гуруҳи шӯриширо на Макрон ва на Раҳмон қабул надоранд. Фаронса кумакрасони суннатии ҷонибдорони Аҳмадшоҳ Масъуд ва Эътилофи шимол дар Афғонистон мебошад. Макрон Эмомалӣ Раҳмонро шарики боэътимод ва дӯсти хеш гуфта буд.

Мақомот дар Тоҷикистон мегӯянд, равобити Тоҷикистону Фаронса бо назардошти ҳамсоягӣ бо Афғонистон бештар ҳамкориҳо дар бахши сиёсиву ҳарбӣ ва ҳам фарҳангу ҳунарро дар назар мегиранд. Соли 2002 Созишнома оид ба ҳамкории байни муассисаҳои ҳарбии ду давлат ба имзо расид ва бар асоси он, ҳамкориҳо дар соҳаи тарбияи кадрҳои низомӣ барои Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Фаронса соли 2008 барои сохтмони терминали Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе бо арзиши ниҳоии 49 миллион евро кумак карда, то соли 2014, давоми 12 сол дар доираи амалиёти зиддитеррористии НАТО дар Афғонистон дар фурудгоҳи Душанбе контингенти 170-нафарии низомиёни фаронсавӣ мустақар гардид.

Соли 2016 дар Душанбе маркази савдои "Ашан" боз шуд, ки нахустин гипермаркети фаронсавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Дар бахши фарҳангу ҳунар яке аз охирин корҳои муштараки фаронсавиҳову тоҷикистониҳо - ташкили намоишгоҳи "Тоҷикистон - сарзамини рӯдхонаҳои заррин" дар осорхонаи "Гиме"-и Париж ва намоиши 211 нигора аз Осорхонаҳои миллии Тоҷикистон буд.

Вале мизони тиҷорату савдои миёни ду кишвар дар сатҳи ночиз боқӣ мемонад.

РАИСИ СОВХОЗИ ВАХШ РАИСИ НОҲИЯ ДАР РУСИЯ ШУД



Рӯзи 26-уми апрел вакилони Шӯроҳои маҳаллии ноҳияи Усмани вилояти Липетски Русия дигарбора, инак бори чорум, Владимир Мазои 72-соларо раиси ин ноҳия интихоб карданд. Аз 48 вакили маҳаллӣ 47 нафарашон ба тарафдорӣ аз Владимир Мазо овоз доданд ва рақиби ягонаи ӯ - раиси ҷамоати Николские Виселки Татяна Христофорова ҳамагӣ як овоз ба даст оварда.

Владимир Мазо зодаи ноҳияи Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) дар ҷануби Тоҷикистон ва раиси собиқи совхоз-техникуми дар замони Шӯравӣ дар водии Вахш машҳури ба номи В. Куйбишев (ҳоло хоҷагии ба номи фармондеҳи сахроӣ Файзалӣ Саидов) буда, инак 15 сол боз раиси ноҳияи Усман аст. Ин ноҳия бо 50 ҳазор аҳолӣ ва маркази маъмуриаш дар шаҳри Усман дар тақрибан 50-километрии ҷануби шаҳри Липетск ҷойгир аст.

Владимир Мазо соли 1972 Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистонро хатм карда, баъдан дар бахши Академияи илмҳои СССР дар Новосибирск рисолаи номзадиашро ҳимоят кард ва соҳиби унвони номзади илмҳои иқтисодӣ шуд.

Таҳияи Д. Султонмамадова, таҷрибаомӯз

СЕ ШАРТИ АРАБИСТОНИ САУДӢ БА ҲОҶИЁНИ ТОҶИК

дигар касони аз 65-сола боло ба ҳаҷ рафта наметавонанд



Дар арафаи Иди Рамазон ба мусалмонони кишвар хабари хуш расид. Арабистони Саудӣ имсол барои зоирини тоҷик зиёрати хонаи Худоро иҷозат дод.

Имсол Арабистони Саудӣ барои Тоҷикистон 3562 квота ҷудо кардааст, ки назар ба солҳои қаблӣ 1438 нафар камтар мебошад. То замони пандемияи коронавирус солона аз Тоҷикистон беш аз 6 ҳазор нафар барои адои ҳаҷ ба Саудӣ мерафтанд. Ду сол пеш ба далели пандемияи коронавирус сафари зоирин манъ шуда буд.

“Вазорати ҳаҷ ва умраи Арабистони Саудӣ охири ҳафтаи гузашта теъдоди зоирин ва ҳам шумораи квота барои кишварҳои ҷаҳонро эълон кард. Бар асоси ин эълон, имсол аз Тоҷикистон танҳо 3562 нафар метавонанд ба Арабистони Саудӣ сафар кунанд”,- гуфт Афшини Муқим, сухангӯйи Кумитаи дин.

Ҳамчунин, манбаъ хабар медиҳад, ки имсол дар сафари зоирин баъзе маҳдудиятҳо ҷорӣ шудааст. Аз ҷумла, шахсони аз 65-сола боло наметавонанд ба Арабистони Саудӣ сафар кунанд. Онҳое ҳам, ки барои адои ҳаҷ мераванд, бояд ваксинаи зидди COVID-19 гирифта бошанд. Зоирини хориҷӣ ҳамчунин бояд натиҷаи манфии санҷиш аз COVID-19-ро дар муҳлати на дертар аз 72 соат пешниҳод кунанд.

Афшини Муқим, сухангӯи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, ки масъули сафарбаркунии зоирон ба Маккаву Мадина аст, мегӯяд, то ҳол аз Арабистони Саудӣ мактуби расмӣ нагирифтаанд, вале омодагиҳо барои фиристодани зоирини тоҷик оғоз шудааст. Сухангӯи Кумита танҳо гуфт, аз эълони Вазорати ҳаҷи Арабистони Саудӣ фаҳмидаанд, ки теъдоди зоирини тоҷик имсол каме зиёдтар аз 3,5 ҳазор хоҳад буд.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки дар навбати аввал онҳое барои адои ҳаҷ фиристода мешаванд, ки ду сол пеш бо далели пандемия сафарашон лағв шуда буд. Қарор аст маросими ҳаҷи фарзӣ имсол аз 7 то 12-уми июл баргузор мешавад.

Сар аз соли 2020 бинобар пандемияи COVID-19, маросими ҳаҷ дар шароити маҳдуд баргузор мешуд. Мақомоти Арабистони Саудӣ адои ҳаҷро танҳо барои сокинони маҳаллӣ ва хориҷиҳое иҷозат медоданд, ки дар он кишвар зиндагӣ доранд. Соли гузашта ин кишвар танҳо ба 60 ҳазор зоири эмшуда иҷозаи иҷрои маросими ҳаҷро додаанд.

Ҳар сол ҳудуди 2,5 миллион мусалмон аз беш аз 180 кишвари ҷаҳон барои адои ҳаҷ ба Арабистони Саудӣ сафар мекунанд. Аммо имсол Саудӣ гуфт, як миллион мусалмон аз саросари ҷаҳон ҳақ доранд ба Макка сафар карда, дар маросими ҳаҷ иштирок кунанд.

Ҳаҷ яке аз панҷ рукнҳои асосии дини ислом аст. Ду сол аст, ки даҳҳо нафар дар Тоҷикистон мунтазири боз шудани роҳи ҳаҷ ҳастанд. Иҷоза шудани сафари мусалмонони тоҷикро туҳфаи Арабистони Саудӣ дар арафаи Иди Рамазон арзёбӣ кардаанд.

БОЗ ЯК ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ҶАНГИ РУСИЯВУ УКРАИНА КУШТА ШУД

Маҳмадалӣ Абдуллоев, сокини деҳаи Иттифоқи ҷамоати деҳоти Золи Зари ноҳияи Ҷалолиддини Бахлӣ, ки дар ҷанги Русия ва Украина иштирок мекард, кушта шуд. Хабари марги ӯ аллакай ба наздиконаш расонида шуд. Ӯ ҳанӯз оиладор набудааст.

Маҳмадалӣ Абдуллоев нахустин тоҷикистоние нест, ки дар ҷанги Русия ва Украина ҳалок шуда бошад. Қаблан низ расонаҳо аз марги зодагони Тоҷикистон хабар дода буданд.

Як манбаъ аз ҷамоати деҳоти Золи Зари ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба Pressa.tj гуфт, ки ҷасади ӯро тариқи Фурудгоҳи вилояти Челябинск ба Тоҷикистон интиқол медиҳанд: “Ҳоло ҳуҷҷатҳояшро дуруст карда истодаанд ва аниқ гуфта наметавонам, ки кай дар Тоҷикистон мешаванд. Наздиконаш гуфтанд, ки агар ҳуҷҷатҳо дуруст шавад, имрӯз ё фардо ба ватан парвоз мекунем”.



Манбаъ: Pressa.tj



IRS АЗ 1-УМИ МАЙ МАҲДУДИЯТИ МАВСИМӢ ҶОРӢ МЕНАМОЯД

Чанде пеш дар филиали Ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади дахлдор - “Дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мавсимии вазн ва сарборӣ ба тири меҳвари воситаҳои нақлиёт ҳангоми ҳаракати онҳо дар роҳи автомобилгарди Душанбе - Чаноқ барои соли 2022” ба тасвиб расид. Тибқи он, аз 1-уми майи соли равон то 31-уми августи ҳамин сол маҳдудияти ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз соати 10:00 то 20:00 ҷорӣ мешавад.

Ҳадафи иқдоми мазкур, ки талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми ноябри соли 2011, №569 «Дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мавсимии вазн ва сарборӣ ва тири меҳвари воситаҳои нақлиёт ҳангоми ҳаракати онҳо дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум» амалӣ мегардад, татбиқи бечунучарои шартномаи консессионии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” ва пешгирии вайроншавии бармаҳали роҳи автомобилгарди Душанбе - Чаноқ маҳсуб мешавад.

Ин маҳдудият ба воситаҳои нақлиёти гаронвазн дахл дошта, ба ҳар як тири пешбаранда на зиёда аз 6 тонна пешбинӣ шудааст.

Дар ин замина, намояндагиҳои Филиали Ширкат дар минтақаҳои Варзоб, Зарафшон ва Суғд мувофиқи тартиби муқарраргардида ҷобаҷогузории аломатҳои дахлдори роҳро вобаста ба маҳдудиятҳои муқарраршуда таъмин менамоянд.

Раёсати бехатарии филиали Ширкат ва шуъбаҳои бехатарӣ дар минтақаҳо вазифадор шудаанд, ки ҳамкориро бо кормандони БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёт, бо дарназардошти маҳдудияти муқарраршуда дар нуқтаҳои вазнченкунӣ ва плазаҳои толлингӣ ба роҳ монда, ҷиҳати пешгирии тамбашавии ҳаракати воситаҳои нақлиёт чораҳои дахлдор андешанд.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки тибқи зарурат бо супориш ва дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии маҳдудияти мавсимӣ тағйир дода мешавад.

Ин омил, яъне тайир додани реҷа ҳангоми аз 25 дараҷа паст гардидани ҳарорати рӯзонаи ҳаво низ пешбинӣ шудааст.

Бо дарназардошти муҳимият, талаботи зикршуда ба воситаҳои нақлиёте, ки ба интиқоли чорво машғуланд ва автомобилҳои барои интиқоли борҳои тезвайроншаванда махсусгардонидашуда, ки ду тири меҳвари ягона дошта, вазни умумиашон на зиёда аз 10 тонна аст (категорияи 2 бе ядак), татбиқ намешавад.

Ба ибораи дигар, чунин намуди автомобилҳои боркаш дар мавсими ҷорӣ шудани маҳдудият метавонанд вақти дилхоҳ ҳаракат намоянд.

Иқдоми мазкур идомаи мантиқии тадбирандешиҳои IRS вобаста ба нигоҳдории роҳ дар сатҳу хубу сифати баланд маҳсуб шуда, дар аксар мамлакатҳои олам роиҷ буда, натиҷаҳои хуб ба бор овардааст.

Сулҳия ШОҶОНОВА

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ



ТАДБИРАНДЕШИИ БЕТАЪХИРИ IRS ФУРӮРАВИИ РОҲРО ПЕШГИРӢ КАРД

Ногуфта пайдост, ки бунёди роҳ як тарафи масъала асту нигоҳ доштани он идомаи мантиқии ин раванд ва дар сурати амалӣ нагаштан вайрон гаштани роҳ аз эҳтимол дур нест.

Аз далелу арқоми мавҷуда метавон хулоса кард, ки таъмиру тақдид дар роҳу қисматҳои он дар фаъолияти филиали IRS далели возеҳи масъулиятшиносии роҳбарияти он аст. Ин раванд зери назорати доимӣ ва ҷиддии роҳбарияти филиали ширкат қарор дошта, дар сурати ба вуҷуд омадани вайроншавии кӯчактарин дар масири роҳ пайи рафъи он чораҳои бетаъхир андешида мешавад.

Дарели возеҳи ин гуфта тадбирандешии бетаъхир дар робита ба пайдошавии тарқиши азим дар километри 138-уми роҳи автомобилгарди Душанбе - Чаноқ, ки хавфи фурӯравии ин қитъаи роҳро ба вуҷуд оварда буд, маҳсуб мешавад.

Бунёди пойдевори азим аз иқдомот дар ин самт ба ҳисоб рафта, дар муддати кӯтоҳ, бо истифода аз масолеҳи босифати сохтмонӣ амалӣ гардид. Таваҷҷуҳи хоса ба ҳолати роҳ андешаро дар мавриди воқеан ҳам нигоҳбони масъулиятшиноси роҳи Душанбе - Чаноқ будани IRS тақвият мебахшад.

Бо дарназардошти аз минтақаи релефаш душвори кӯҳистон гузаштани роҳи зикршуда, рух додани чунин ҳолат зиёд ба мушоҳида мерасад. Барои мисол, 2-юми июни соли 2018 дар километри 138-ум, дар масофаи 35 метр роҳ пурра фурӯ рафт. Масъулиятшиносиву поквичдонӣ ва пойгоҳи пуркуввати техникӣ замина фароҳам овард, ки дар робита ба ҳолати баамаломада фаврӣ тадбирандешӣ шавад.

Ду соат пас аз рух додани офат кормандон дар дили кӯҳ роҳи муваққатӣ эъмор намуда, тавассути он ҳаракати воситаҳои нақлиётро ба роҳ монданд. Ҳамон рӯз қитъаи фурӯрафта барқарор ва дар давоми як моҳ мумфаршкунии роҳ низ бо истифода аз асфалти хушсифат, дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ шуд.

Ин дар ҳолест, ки дар дигар роҳҳои мамлакат бар асари монеаҳои ҷузъӣ ва офатҳои начандон назарраси табиӣ чандин рӯз ҳаракати воситаҳои нақлиёт қатъ мегардад.

Зуҳро РАҲМАТШОЕВА



DUSHANBE CITY ЧАРО МАРДУМРО САРСОН МЕКУНАД?

Имрӯзҳо низоми нави корти Dushanbe city сокинонро нигарон кардааст. Мардум аз банкоматҳои шаҳр наметавонанд маблағи даркории худро гиранд. Сари ҳар қадам дар истгоҳҳои пойтахт банкоматҳои корти Dushanbe city насб карда шудааст, вале маблағ надоранд.

Шоми дирӯз барои гирифтани маблағ ба назди банкомати истгоҳи беморхонаи "Қарияи Боло", маҳаллаи "Зарафшон", истгоҳи "Иттифоқи нависандагон", истгоҳи маркази савдои "Тоҷикистон" омадам, вале аз ин терминалҳо ягонтояш маблағ надоранд. Ягона умедам банкомати истгоҳи "Шаҳраки донишҷӯён" буд, вале мутаассифона, ин ҷо низ маблағ надошт.



Тӯдаи мардум дар навбат буданд барои гирифтани маблағ, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо наметавонанд маблағ гиранд. Вақте аз масъули банкомати назди истгоҳи маркази савдои "Тоҷикистон" пурсон шудам, ки "чаро терминали мазкур маблағ надорад?", чунин ҷавоб гирифтам:

- Чанд муддат дар банкоматҳо маблағ намешавад, танҳо метавонед аз банкоматҳои бинои асосии Dushanbe city дар кӯчаи Соҳилӣ, воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ маблағ гиред.

Аммо вақте ба ин ҷо меоед, тарбуз аз бағалатон меафтад. Бегоҳи дирӯз, 24-уми апрел шоҳид шудем, ки аз ду банкомати назди Соҳилӣ ягонтояш пул надоштанд. Ачиб, чаро? Масъулини ин бонк барои чӣ мардумро сарсон мекунанд? Агар касе бемор бошад, ё эҳтиёҷе дошта бошад, дилпур ба назди банкоматҳои Dushanbe city ояд, аммо пул пайдо накунад, ҳолаш чӣ мешавад?

Интизори посухи масъулини ин бонк ҳастем!

У. ҚУТБИДДИНЗОДА,
сокини шаҳри Душанбе



3 ТАҚОЗО АЗ ВАЗИРИ МАОРИФ

Дар қабули вазири навтаъиншудаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ширкат доштам. Чун солҳои тӯлонӣ дар соҳаи маориф кор мекунам ва борҳо дар қабули вазирони собиқи маориф будам, аз рӯйи таҷриба ҷараёни қабули вазири навро мушоҳида кардам...

Вазир бо тартиби муайян мурочиаткунандагонро қабул карда, дарди дили онҳоро бо диққат шунида, ба зердастон супоришҳо медод.

Аз муомила, муошират, тарзи суханронӣ, дақиққорӣ ва муносибати хуби Саидзода Раҳим Ҳамро шод гашта, боварӣ ҳосил намудам, ки баҳри ичроиши супоришу дастурҳои Пешвои миллат, ислоҳи камбудии таълимгоҳҳо, сифати таълиму тарбия, донишу хирад, маълумоту маънавиёти омӯзгорон аҳамият дода, кори таълиму тарбияро таҳлили чукур менамояд ва баҳри ояндасозони давлату миллат саҳмгузорӣ мекунад.

Аз минбари ҳафтаномаи "Тоҷикистон" истифода карда, вазири муҳтарам Саидзода Раҳим Ҳамроро барои ба боварии Сарвари давлат сазовор шуданашон табрик гуфта, орзу дорам, ки ба муассисаҳои таълимӣ диққати махсуси хешро равона кунанд. Кош баъди вазирии Саидзода ҷамъоварии маблағҳои гуногун дар мактабҳо, ки чун «пули моҳона», «пули таъмир», «пули муҳофиз» ва ғайра маъмул шудааст, аз байн бардошта шавад. Дигар тақозои банда, ҳамчун омӯзгори собиқадор аз вазири муҳтарам ин аст, ки ҷараёни озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - кишвари азизи ман»-ро худашон бевосита таҳлил кунанд. Аз баъзе минтақаҳо ягон нафар дар ин озмунҳо ширкат намкунанд ё то имрӯз ягон нафар ҷойи ифтихорӣ нагирифтаанд, ки ин нишони паст будани сатҳи донишомӯзии мактабиён аст. Бояд пурсид, ки чаро вазъ чунин аст?

Пояи давлат намонад бе
маориф устувор,
Давлати пойдор хоҳӣ, руй бар
мактаб биёр.

Дар охир аз вазири муҳтарам Саидзода Раҳим Ҳамро мехоҳам, ки ба "ҳисобот"-хои зердастон, ки бисёр вақт фиреби назар аст, бовар накарда, худашон ҳарчи бештар аз мактабҳо дидан кунанд, аз наздик бо вазъи муассисаҳо ошно гардида, пешсафонро офарин гӯянд, дулобу сусткоронро мувофиқи амалашон баҳогузорӣ намоянд.

Бокӣ, тавфиқ ёратон!

Ҷамолиддин ҶАЛОЛИЁН,
омӯзгори собиқадор



ХОНАНДАГОНИ МАКТАБҲО МОҲИ ИЮН ДАРС МЕХОНАНД?

Як модар бо номи Ибодат Маҳмудова ба Pressa.tj занг зада пурсид, ки «Оё дуруст аст, ки бачаҳои мо то охири моҳи июн дарс мехонанд?».

Мо ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар алоқа шуда посухи ин суолро ҷустем.

Бино ба иттилои корманди маркази матбуоти вазорат Бахтовар Сафаров соли хониш имсол 25-уми май ба охир мерасад. Имтиҳонҳои ҷамъбастӣ ва гузаштан аз синф ба синф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рӯзҳои 3-10-уми июн баргузор мешаванд. "Бино ба фармоиши вазири маориф ва илм, машғулиятҳои таълимӣ дар синфҳои 1-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 25-уми майи соли 2022 ва дар синфҳои 2-11 сарфи назар аз шакли моликияташон 1-уми июни соли 2022 ба анҷом расонида мешаванд. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8 ва аз синф ба синф гузаронидани хонандагони 5-8 ва 10-11 аз 3-юми июн то 10-уми июн гузаронида мешавад" – гуфт, номбурда.

ДАР БОРАИ ЯК КИТОБИ ДАРСӢ

Муқаддима

Беш аз дувуним ҳазор сол қабл Аристотел дар асари маъруфаш "Сиёсат" навишта буд: **"Магар бошад касе шубҳа кунад, ки қонунгузор** (*давлат, ҳукумат – С.Я.)* **бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон бо таваҷҷуҳи фавқулодда муносибат кунад, зеро дар давлате, ки чунин ғамхорӣ нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад"** (Аристотель. Политика. — М.: РИПОЛ классик, 2010. -С. 535).

Яъне ду масъалаи ҳаётан муҳим — алоқамандӣ ва вобастагии сохти давлатдорӣ ба мактабу маориф аз замонҳои қадим ҳамраҳи инсоният будаанд. Ва қудрати одам ҳам баробар ба умқи фикр ва қобилияти дарк карда тавонистани моҳияти зуҳуроти олам дониста шудааст. Шоир ва мутафаккири немис Гёте таъкид мекунад: **"Мегӯянд, ки рақамҳо дунёро раҳбарӣ мекунанд; шубҳае нест рақамҳо ҳатто нишон диҳанд, ки дунё чӣ тавр раҳбарӣ карда мешавад"** (Слово о науке. -М.: Знание, 1978. -С.10).

Аз ин ҷиҳат, нашри китоби гуруҳи олимони Академияи миллии илмҳо Қосимшо Искандаров, Раҳматкарим Давлатов, Ҷамолиддин Саидзода, Беҳрӯзи Забеҳулло, Сайидҳоҷа Ализода, Нозим Нуров, Шамсиддин Нуриддинов **"Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс"** (Душанбе, 2021, дар ҳаҷми 310 сах.) ҳамчун **"Воситаи тавсиявӣ-амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ",** ки **"бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чоп шудааст"**, иқдоми шоистаи дастгирӣ аст.

Ба назар мерасад, ки омода ва нашр кардани чунин китоб тақозои рӯз ба рӯз афзояндаи **яке аз муҳимтарин рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, зарурати баланд бардоштани нақши илм дар сохтори ҷаҳонбинӣ, системакунонии маҷмӯи масъалаҳои илмии марбут ба дидгоҳи маънавӣ ва методҳои тадқиқи он, коркарди дастгоҳи истилоҳ ва мафҳумоти илмии миллӣ, муайян кардани сарҳадҳои салоҳият, барҳӯрд ва ҳалли мушкилоти вобаста ба мавзуъ, ҳамчунин ҳимояи мафкураи динӣ аз сӯиистифодаи он тавассути ворид кардани ҳар гуна равияҳои ифротгаро мебошад.**

Ҳадаф ва мавзӯе, ки мо мехоҳем доир ба он ибрози назар намоем, **таҳлил ва арзёбии ташаккули маънавиёти миллӣ дар асоси ҷаҳонбинии дунявӣ дар мисоле чанд аз мақолаҳои дар маҷмӯаи мазкур гунҷонидашуда мебошад**.

ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА ДУНЯВИЯТ

Бояд хотирнишон кард, ки масъалаи давлат ва давлатдорӣ қисмати ҳаётан муҳими мавҷудият ва пойдории миллат аст.

Ягонагӣ ва умумияти қаламрав, забон, фарҳанг, маданият, урфу одат, идеология, эҳсоси муштараки ирсияти қавмӣ, нажодӣ, ки асоси давлатдории миллиро ташкил мекунанд, фақат тавассути ҳокимияти сиёсии мутамарказ, бо асосҳои ҳуқуқӣ ва имконоти танзими меъёрҳои конститутсионӣ таъмин карда мешаванд. Бидуни чунин шароит осудагӣ, субот ва рушди миллӣ наметавонад воқеият дошта бошад.

Таҷрибаи таърихӣ ҳама гуна даъвоҳоеро, ки миллат танҳо тавассути забон, адабиёт ва фарҳанг дар фазо ва вақт, дар шароите, ки соҳиби ҳокимияти сиёсӣ нест, фардият, мустақилият ва ҳувияти хешро нигоҳ дошта метавонад, рад мекунад. Зеро ин гуна даъво аз лиҳози мантиқи сиёсӣ ба воқеият ва дурнамои давлатдорӣ мувофиқ намеояд. Ҳодисаҳои охирини кишвари ҳамсоя ин назарияро бори дигар исбот намуд.

Давлат дар маконе, вақте ва бо сабабе пайдо мешавад, ки омилҳои иқтисодиву ичтимоӣ, сиёсиву идеологӣ ва маънавию ахлоқӣ зарурати мавҷудияти ташкилоти марказонидашударо ба манфиати субъектҳои гуногуни сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, миллат ва халқиятҳо амалан эҳсос намоянд ва тавону иқтидори истифодаи чунин абзорро дошта бошанд.

Давлат замоне таназзул меёбад ва аз байн меравад, ки субъекти офарандаи он иқтидори сарфи захираҳои ҳаётан муҳими зикргардидаро аз даст медиҳад.

Давлатсозӣ ва зиёдтар аз он таъмин намудани суботи давлат аз муҳимтарин ва мушкилтарин вазифаҳои миллат аст. Кори тахмин ва ҳадси эҳтимоли амал нест. Ин ташкилоти сиёсӣ, тавре хотирнишон гардид, натиҷаи таҳлили таҷрибаи кашмакаш, нобасомонӣ ва бенизомиҳое мебошад, ки ҳосили он ғайр аз эҷод кардан ва таъсис додани сохторе бо номи давлат нест. Аз ин ҷиҳат, ҳама гуна бенизомӣ созгори истилоҳи давлат нест. Ва ибораи фаъолияти самараноки давлатдорӣ мафҳуми системавист.

Муташаккилӣ ва устувории ин система аз фаъолияти муназзами соҳаҳои он, ки дар алоқамандӣ, вобастагӣ ва ҳамоҳангии якдигар қарор доранд, сарчашма мегирад.

Ташаккули идеология, маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ аз самтҳои ҳаётан муҳими сиёсати давлатдорӣ аст.

Аз тарафи дигар, истифодаи истилоҳи идеология набояд боиси нороҳатӣ нисбат ба ифодаи тарзи тафаккур ва шакли муносибат ба маънавиёти ҷомеа бошад. Борҳо таъкид гардид ва бори дигар хотиррасон мегардад, ки истилоҳи деидеологизатсия навъи устувори мафҳуми худи идеология аст. Он барои аз байн бурдани фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи сиёсии дар чаҳорчӯби манфиатҳои давлатдорӣ муайянкардаи сохтори сиёсӣ, ба хотири дар мафкураи ҳадафҳои геополитикӣ ҷой кардани ҷаҳонбинии ғаразнок таъин шудааст. Чизи дигар, кашфиёти дигаре нест. Ва буда ҳам наметавонад.

Аристотел таъкид мекунад: **"Давлат ба оне мансуб аст, ки табиатан вуҷуд дорад ва инсон аз рӯи табиати хеш зуҳуроти сиёсӣ аст"** (Аристотель. Политика. — М.: РИПОЛ классик, 2010. -С.29).

Бо доштани чунин манзалат инсон наметавонад бидуни идея (*ормон, орзу, дидгоҳ, мақсад, маром, шакли муносибати маънавӣ ба субъектҳои аслии муассисаи сиёсии давлат*) вазифаи шаҳрвандии худро ичро намояд.

Соҳибдавлатӣ, мансубияти ҳуқуқӣ ба қаламрави кишвар ва уҳдадорӣ дар назди Ватан, худ ангеза, идея, ормон ва қутбнамои маънавии тарзи амал мебошад.

Зуҳуроти ҳастии муваффақ шакли комили ин ангезаи зиндагисоз аст. **"Гузашта аз он, дар амалӣ кардани мақсадгузории ниҳоӣ камолоти олӣ ифода меёбад, аз дигар тараф, мавҷудияти худкифоӣ бошад, ҳамчун падидаи ниҳоӣ ва олитарини воқеият баҳогузорӣ карда мешавад"** (Ҳамон ҷо. –С.28). Чунин масъалагузорӣ, бидуни шак, мансуб ба инсон, ба шаҳрванд мебошад.

Мо муътақид ҳастем, шаш рукни сохти давлатдорӣ, ки дар боби якум, моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, дар баробари эълони воқеияти ҳуқуқӣ, муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат мебошанд.

Дар муносибатҳои субъект ва объектҳои ҳуқуқӣ, вақте сухан дар бораи таъмини суботи давлатдорӣ меравад, роҳ, усул, восита ва методҳои ҷабҳаи ташаккули ҷаҳонбинӣ мақоми муайянкунандагӣ мегиранд. Алалхусус, дар ҷараёни таъриххии истиқрори истиқлолият. Аз ин ҷиҳат, мактаб ва маориф дар поягузорӣ, вусъат ва бардавомии сохти давлатдорӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Даҳсолаҳои сипаригашта барои азнавсозии маориф, ташаккули инфрасохтор ва захираҳои кадрии он сарнавиштсоз буданд. Дар шароити ниҳоят мушкили иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ барои пешрафти илму маориф заминаҳои аслӣ гузошта шуданд.

Дар ин росто, мутобиқ гардонидани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию тарбиявӣ ба пояҳои сохти конститутсионӣ – давлатдории миллӣ қисмати ҳаётан муҳими фаъолияти маориф дониста мешавад. Зеро маҳз ҳарфҳои чопӣ (*он чизе, ки дар китоб дарҷ гардидааст*), мақсад ва моҳияти зиндагиро меомӯзанд. Масири қунунӣ ва ояндаи онро муайян месозанд. Тарз ва усули муносибат ба воқеияти сиёсиро нишон медиҳанд. Табиат, муҳтаво ва таъиноти инсонро дар ҷомеа аз нигоҳи илмӣ тафсир мекунанд.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДАР МАҶМӮА

Китоби **"Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс"** дар чаҳорчӯбаи ниёзҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа дар самти тарбия ва таълим навишта шудааст.

Маҷмӯа аз муқаддима ва мақолаҳо дар бораи омӯзиши аҳвол ва осори 27 тан аз адибони тоҷик иборат аст. Тибқи мавзуъ, дар атрофи ақидаҳои равшангароӣ, маорифпарварӣ, илммеҳварӣ, дар умум, дунявият баҳс мекунад.

Муқаддимаи китоб ба қалами донишманд Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад. Дар он мавқеи илму хирад, маърифат, давлат ва сиёсат дар муносибат ба ҷанбаҳои эътиқод тафсир гаштаанд.

Муаллифи сарсухан бо такя ба андешаҳои мутафаккирони машҳури олам зарурат, мавқеъ ва манзалати илму донишро дар зиндагӣ шарҳ медиҳад. Тақдири инсонҳоро вобаста ба тарзи тафаккур ва сифати шинохти олам аз ҷониби худи одамон медонад. Ӯ дуруст зикр мекунад: **"Ташаккули маниши нек табиист, ки худ аз худ ба ботини кас роҳ намеёбад, боистӣ раҳнамову қутбнамое дошта бошад. Ин қутбнамо аввалтар аз ҳама дониш аст, ки ҳамроҳ бо таҷрибаи зиндагӣ касро ба зинаи ақл ва аз он болотар дар нардбони камолот – ба хирадмандӣ мебарад"** (С.4). Барои тасдиқи фикр аз Абулқосими Фирдавсӣ мисоли мувофиқ меорад:

Хирад поку дин поку
дил поктар,
Бувад, ҳар кӣ дорад
манише ба сар.

Бузургӣ, серталабӣ ва дақиқнигории муаллифи "Шоҳнома" дар он аст, ки ӯ ҳашт аср қабл аз файласуфи машҳури Ғарб, ки фармудааст: "**На танҳо натиҷаи таҳқиқот, балки роҳе, ки ба он ҳидоят мекунад, бояд ҳақиқӣ бошад. Таҳқиқоти ҳақиқат худаш бояд ҳақиқӣ бошад"** (Ковалченко И.Д. Методы исторического исследования. — М.: Наука, 2003. С.13), озодагии тинати инсонро бо таркиби сохтори ҷаҳонбинӣ ҳамбаста медонад. Аз илм, дониш, маърифат ва дин ҳам покиро тақозо дорад.

Дар ин маврид ақл, ҳуш, зеҳн, идрок ва дарёфти инсонӣ — хирадро дар ҷойи аввал мегузорад. Ва онҳоро бо тинат, табиат, сиришт ва бузургии одам вобаста мешуморад.

Дар муқаддима масъалаи таъмир ва татҳири (*пок, покиза, тоза*) фикр, ба воситаи он расидан ба худшиносӣ, ки танҳо тавассути донишу хирад ва таҷрибаи зиндагӣ сурат мегирад, таъкид мегардад.

Яке аз беҳтарин қисматҳои сарсухан таҳлили мухтасари идеяҳои дунявият дар эҷодиёти мутафаккирон ва олимони араб аст, ки шоистаи омӯзиш ва баҳрабардорист. Он дар самти интихоби мавзуъҳои илмӣ дар кафедраҳои ҷамъиятӣ ва Академияи илмҳо муфид ва барои бисёре аз зиёиёни миллӣ намуна мебошад.

Мусаллам аст, ки дунявият илм аст. Дар чаҳорчӯбаи мантиқи диалектикӣ арзи ҳастӣ мекунад. Шакли ҷаҳонбиниест, ки бо дарбаргирии маҷмӯи далелҳо қонунмандии умумӣ ва зарурии алоқамандии воқеияти реалӣ ва тафаккурро муайян месозад. Дар доираи муҳтавои масъала зиддиятҳои дохилии радшаванда надорад. Баръакс, чузъиёти он якдигарро давра ба давра пурра мегардонанд. Қувват мебахшанд.

Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз эътиқод, ки барои тасдиқи назария ва амалияи хеш ба таҷриба ва далелҳои воқеӣ ниёзманд эҳсос намекунад, тафовути усулӣ дорад.

Принсипи дунявият ҳамон вақт ба эътиқод розӣ шуда метавонад, агар охирин, усулан, ба аввалӣ қоил бошад, онро эътироф ва бидуни қайду шарт қабул кунад.

Дар муқаддимаи китоб оварда шудааст, ки **"бидуни дониш идеяҳо афзун намегарданд, яъне ғизои ақл ва дар таҷриба таҳаввулёфтаи он – хирад ҳамеша илму дониш будааст"** (С.6). Чунин тарзи масъалагузорӣ дуруст аст. Ҳамзамон бо ин, муаллиф таъкид месозад: **"Ҳақиқат ин аст, ки хирад** *(ақл, ҳуш, зеҳн, идрок, дарёфт –С.Я.)* **ҳаргиз ба эътиқод** *(ақида доштан, бовар, яқин доштан – С.Я.)* **ихтилофе надорад"** (С.6).

Тарзе ишора гардид, мавзӯи баҳси илмӣ моҳияти масъала аст. Дар ин маврид сухан дар бораи сарчашма ва муҳтавои илм ва эътиқодот, таркиби сохторӣ ва вазифаҳои функсионалии онҳо меравад.

Агар хирад бар илм асос ёфта бошад, махзани он назарияи дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқгардида мебошад, тавре ки худи муаллифи сарсухан ҳам ёдовар мешавад. Ҳамин тариқ, эътиқод ва боварҳо бо илм ва хулосаҳои илмӣ дар мухолифат қарор доранд. Муҳтавои ин зиддиятҳо дар ҷаҳони ислом, аз ҷониби бозигарони геополитикӣ мақсаднок, моҳирона ва тахассусмандона истифода мешавад.

Субъектҳои манфиатдори низоъ муътақиданд, ки ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд. Ин аксиома барои бозигарони геополитикӣ воситаи "рӯзгузаронӣ" аст. Яъне ихтилоф дар раҳи рост ба вуҷуд намеояд. Ин захираи бузурги геополитикӣ – вуҷуд доштани сарчашмаҳои ҳалнашавандаи душмании тарафҳо маҳз дар чаҳорчӯбаи илм ва дин эҳтиёткорона нигоҳ дошта, парвариш меёбанд. Шаклҳои ҷадиди дар ин асос аланга задани зиддиятҳои идорашаванда коркард ва роҳандозӣ мегарданд.

(Давомаш дар сах. 8-9)

ДАР БОРАИ ЯК

(Аввалаш дар сах.7)

Таърихи Тоҷикистон, дар маҷмуъ, ҷаҳони ислом далели возеҳ ва раднопазири ин гуфтаҳост.

Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ бояд сирф дар асоси талаботи илмӣ ва илмиву методӣ таълиф гарданд. Мафҳум ва истилоҳот тибқи ҳамин усул бидуни эҳсоси духӯрагӣ ва мавҳумот истифода шаванд.

Воқеан, илм наметавонад бидуни суол хосияти устувор дошта бошад. Аммо зуҳуротеро, ки тачриба ва озмоиш тасдиқ кардааст, натиҷаи он ҳақиқат ва ба мақсади таълиф созгор аст, салоҳдониста мешавад, ҳамон тавр истифода гардад. Хонандаро набояд вориди баҳсҳое кард, ки ӯ ҳанӯз тавони фаҳмиши онҳоро надорад.

МАНБАЪҲОИ НАЗАРИЯИ ДУНЯВӢ

Дарки моҳияти дунявият, авалан, бо эҳсос ва исботи қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, қатъан, зери таъсири илмҳои табиатшиносӣ пайдо шудааст. Баъдан ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ба илмҳои ҷамъияташиносӣ, аз ҷумла адабиёт ворид гаштааст. **Илмҳои табиатшиносӣ — зистшиносӣ, риёзиёт, физика, кимиё, ситорашиносӣ, тиб ва ғайра ҷавҳар, пойдевор ва сутуни аслии тафаккури дунявият мебошанд**. Тавре маълум аст, инҳоро илмҳои дақиқ ва бунёдӣ ном мебаранд. **“Воқеяти вуҷуд доштани ашё ва далел тавассути озмоиш ва мантиқ муайян карда мешавад. Чизе, ки тасдиқ намегардад, аз тафаккури ратсионалӣ** *(оқилона, маъқул, дуруст — С.Я.)* **берун аст”** (Ардашев Р.Г. Иррациональность общественного сознания россиян. -М.: РГСУ, 2021. -С.10).Бидуни илмҳои табиатшиносӣ дунявият, ҳамчун мафҳуми илмӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, чизе ғайр аз тахайюли одӣ, омӣ ва содалавҳонае буда наметавонад. Бе илмҳои табиатшиносӣ истилоҳи дунявият навъи тафсири хурофотии олами ҳастӣ, мафҳуми пуч ва хушку холӣ аст, на чизи дигар.

Ақидаҳои саромадони илм ва адабиёти тоҷик, асосгузорони ақидаҳои дунявӣ дар сохтори ҷаҳонбинии миллӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон натиҷаи омӯзиши илмҳои дар тачрибаи инсонӣ санҷидашуда мебошанд, на таъсири дидгоҳи фавқуттабиӣ, хурофотӣ ва мифологӣ.

Ҳамин тариқ, дунявият маҷмӯи ҷаҳонбинии илмии дар асоси дарки қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур бавуҷудомада ва назарияи дар тачрибаи инсонӣ бо далелҳо тасдиқгардида мебошад. Маҷмӯаи муназзами андешаҳо ва амалияи тадқиқотро дар ҷараёни наздикшавии абадӣ ва беохири тафаккури инсонӣ ба олами ҳастӣ, принсип ва консепсияи батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳамзамон бо ин, дидгоҳи аҳли илм ва адабиёту фарҳангро дар фаъолияти эҷодӣ муайян мекунад.

Нигоҳе ба муҳтавои китоб

Ба фикри мо, яке аз мақолаҳои мувaффақи мачмӯа **“Умари Хайём — ринди мунавварфикр”** мебошад.

Дар китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ, муҳим аст, ки ҳадафи таълиф аз муқаддима то хулоса батадрич, қадам ба қадам ҳалли худро ёбад. Дар чунин маврид, шарҳи замони зиндагии адиб ва тарчумаи ҳоли вай нақши муҳим дорад. Ва барҳақ, муҳаққиқ маҳз лаҳзаҳои ба мавзуъ муассири ҳаёти Умари Хайёмро интихоб намудааст, ки аз муҳимтарин омилҳои ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун олим, адиб, мутафаккири озодандеш ва ҳақиқатнигор ба ҳисоб мераванд. Чунин шакл ва усули таълиф барои омода кардани хонанда ба дарки асли мавзуъ кумак мекунад. Муаллиф, аз ҷумла, менависад: Хайём “**дорои ҳушу хотираи нерӯманде будааст. Дар даврони ҷавонӣ ба фарогирии илму дониш пардохта, дар фалсафа, нуҷум ва риёзӣ ба дарачаҳои баланди илмӣ расидааст**” (С.56).

Муҳаққиқ бо нишон додани даврaҳои донишандӯзӣ ва илмомӯзии Хайём баъдан чӣ тавр **“субъекти таҳқиқ ба танзими ҷаҳони бенизом шуруъ карданро”** (И. Кант) тафсир мекунад: **“Хайём дар даврони ҳукумати султон Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ дар Нишопур аввалин расадхонаро бунёд кард ва бо дархости ӯ даст ба ислоҳи тақвим зад, ки то кунун бо номи “Тақвими Ҷалолӣ” маъруф аст. Рисолаи “Ҷабр ва муқобала” ба иловаи рисолаи дигар, ки дар он ба мушкилоти ҳандасаи Уқлидус посух додааст, аз машҳуртарин осори Хайём дар илми риёзиёт ҳастанд” (С.57).**

Муаллиф бо ошкор кардани тачрибаи андӯхта ва сифатҳои шахсияти мутафаккири бузург муҳимтарин ҷанбаҳои ақидатии Хайёмро шарҳ медиҳад: **”Мавзӯи асосии рубоиёти Умари Хайёмро асрори азал, рози офариниш, муаммои ҳастӣ, ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ, тамасхури хурофотпарастон, мубориза бо хурофоту мавҳумот, маҳкумияти ақоиди бепояи уламову фақеҳон, ташвиқи инсон барои бахрабардорӣ аз дами гузарони умр, тарғиби инсон барои раҳоӣ аз қайду бандҳои сохтаву пардохтаи зеҳнӣ, чустучӯи ҳақиқати ашё ва шод зистану лаззат бурдан аз неъматҳои бешумор … ташкил додааст”** (С.56).

Муҳаққиқ аз шоири англис Эдвард Фитсҷералд мисол меорад, ки ӯ ҳанӯз соли 1859 рубоиёти Хайёмро тарҷума ва бо ин амали худ олим ва мутафаккири тоҷикро машҳури ҷаҳон кардааст. Ба хотири муътақид гардонидани хонанда, муаллиф таъкид намудааст, ки маҳз аз таъсири эҷодиёти адиб ва файласуфи забардасти миллати мо, дар Ғарб даҳҳо мактаби пешқадами ақидатӣ арзи вуҷуд кардааст ва дар ҳамин асос, барҳақ, Хайёмро яке аз асосгузорони эгзистионализм дар Дунёи Куҳан мешуморад.

Боиси қаноатмандист, ки дар мақола аз методҳои муқоисавӣ, сохториву функсионалӣ ва таърихӣ чиҳати ҷалб намудан ва муътақид сохтани хонанда хуб истифода шудааст. Ҳамин тариқ муаллиф мехоҳад, донишомӯзро барои дарки муҳимияти масъала – тағйири ҷаҳонбинӣ ба мақсади пешрафти ҷомеа ва рушди миллат раҳнамун созад: **“Бо кумаки рубоиёти Хайём аврупоиҳо худро аз қайду банди мавҳумоти динию мазҳабӣ наҷот доданд, аммо шарқиён, ки ба ин мавзуъ чандон таваҷҷуҳ накарданд, ҳамчунон дар банди афкори ғайриилмии хеш боқӣ мондаанд”** (С.56).

Дар таҳқиқи осори Умари Хайём муҳаққиқ ба дудилагӣ, духӯрагии маъно ва камҳавсалагӣ роҳ намедиҳад, чунончи дар қисмате аз бахшҳои ин китоб ва рафтори баъзе аз зиёиён мисли иқтибоси машҳур **“ҳудҳошонро дар иҳотаи мавҳуми мансубият ба мағзи миллат”** мешуморанд, дида мешавад. Ӯ бо овардани далелҳои мушаххас иброз медорад: “**Хайём бо тамоми қудрат озодии инсонро ситоиш намуда, тарс аз оянда ро накуҳиш менамуд. Дар андешаи Хайём он чӣ инсонро хору залил мекунад, тарс аз оянда ва қабули хурофотест, ки дар тӯли асрҳо бар ӯ таҳмил шудааст. Бинобар ин, то замоне ки инсон аз зери бори хурофот ва андешаҳои ботил зеҳни худро озод накунад, ҳаргиз ба маънии зиндагӣ сарфаҳм намеравад”** (С.56).

Забони мақола содаву равон, фаҳмо ва мувофиқ ба сатҳи фаҳми хонанда аст.

Муаллифи мақолаи **“Носири Хусрав шоири озода ва хирадгаро”** манзалати илмӣ ва адабии алломаи миллати тоҷикро дар доираи мавзуъ бо мисолҳо шарҳ додааст. Кӯшидааст, ки муҳтавои эҷодиёти ӯро маҳсули тинати бузурги шоир ва андӯхтани донишу тачриба ба қалам диҳад.

Хусусияти эҷодиёти Носири Хусрав бо он фарқ мекунад, ки ӯ дар ибрози ақидаҳо ба мисли гузаштагони бонангу ори худ, устувор, собитқадам ва далеру рӯинтан аст. Муҳаққиқ тағйири ҷаҳонбинии шоирро аз лиҳози маънавӣ ба таъсири “Шоҳнома” ва рухи ватанпарастонаи Абулқосими Фирдавсӣ вобаста медонад. Бо далелҳои асоснок хонандаро барои шиносоӣ ва муътақидкунонӣ ба осори Носири Хусрав ҳидоят менамояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили эҷодиёти шоир ба хулоса меояд, ки **“Носири Хусрав адиб ва мутафаккири мубориз, миллӣ, инсондӯст, адолатҷӯ, озодихоҳ, худшинос ва дар орзуи ташкили давлати миллӣ аст”** (С.93).Нидои дили қаламкаши номварро нисбат ба фанои давлати Сомониён аз ин байти шоир дармеёбад:

Хуросон з-оли Сомон чун
тиҳӣ шуд,
Ҳама дигар шудааст
аҳволу сомон.

Пайгирии мавзуъ дар мақола аҳамият дорад, зеро ҳар ҷое, ки сухан дар бораи таассуб, хурофот ва маънавиёти бегонапарастона меравад, он ҷо таърихи миллат ва забони модарӣ мақому манзалати шоистаи худро аз даст медиҳад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлили эҷодиёти мутафаккири бузург ӯро ҳамчун шахсияти дорои қудрат ва тавоноӣ тавсиф мекунад. Ба муқобили ашхос ва зуҳуроти номатлуби ҷомеа равона шудани ин неруро таъкид месозад: “**Носири Хусрав шоир ва андешаманди ҳассос, кунҷков, пажуҳанда, сафаргаро, ғурбатдида, чуну чарокунанда, мубориз, эътирозгар, амирситез, исёнгар, мардумдӯст, деҳқонситой, адолатхоҳ, инсондӯст буда, руҳониёни зоҳиргарой, мардумфиреб, шоирони маддоҳ, дингароёни муқаллиду ҷоҳил, нотавонбинони хурофотӣ, афроди беҳувият, чоплусро, ки дар хидмати бегонагон қарор доштанд, дар осораш мазаммат менамояд”** (С.94).

Барои донишомӯз аз худ кардани сифатҳои мазкур на танҳо боиси бой гардидани захираи луғавии ӯ мегардад, балки қобилияти шинохти мантиқии муҳтавои масъаларо аз лиҳози дарки иҷтимоӣ ва сиёсӣ барояш осон мекунад, ки ин нукта муҳимтар аз ҳама мебошад.

Дар мақола нигоҳи муҳаққиқ ба мавзуъ тавассути истифодаи босалоҳият ва тафсири бомуваффақияти ашъори шоири барҷаста возеҳу равшан шарҳ дода шудааст.

“Асирӣ — намояндаи насли маорифпарвар” низ аз ҷумлаи мақолаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф барои кушодани мавзуъ аз назарияи умумии инъикоси воқеияти ҷамъиятӣ тавассути сухани бадеӣ хуб истифода кардааст.

Дар мавод вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангие, ки шоир ба камол расидааст, соҳиби илму маърифат гаштааст, тавзеҳ ёфтааст. Ҳамчунон, муҳаққиқ як нуктаи муҳим ва ибратангезро таъкид мекунад: **“Шоир ба таври мустақил таърихи адабиёти тоҷику форс, илмҳои табиию риёзиро хеле хуб меомӯзад. Вай дар муддати ҳашт соли иқоматаш дар Хуқанд забони русиро ҳам мустақилона омӯхта, дар мавриди тарзи навиштор ва гуфтори ин забон дониши мукаммале ба даст меорад”** (С. 279).

Сарчашмаи ҷаҳонбинии Асирӣ тачрибаи зиндагӣ ва донишҳои мукаммали ӯ мебошанд. Маҳз ин омилҳо ба адиб имкон медиҳанд, ки зиндагии тангу тори Бухорои вақтро ба кишварҳои пешрафта дар муқоиса гузорад, баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намояд. Барои адиб тавони дарки омилҳои воқеияти иҷтимоӣ, сабабҳои аслии вазъ ва рӯйдоди ҷомеа муҳим аст. Асирӣ муҳити барои гирифтани донишҳои илмӣ носозгорро ҳамчун монеа паси сар ва худро мисли як зиёии миллӣ иродатманд ва собитқадам муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқ аз ҷумла менависад: **“Асирӣ ба мисли дигар маорифпарварони тоҷик нисбат ба тартиботи асримиёнагии ҳоким дар Бухоро, зулми амиру амалдорон ва арбобони риёкори динӣ нафрат пайдо кард. Вазъияти пасти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишатии мардуми мазлуми Бухоро дили шоири нозукандешро ба дард меовард”** (С.280).

Муаллифи мақола дар натиҷаи таҳлили моҳияти эҷодиёти Тошхоҷаи Асирӣ ҳувият, тинат ва табиати шоирро ҳамчун шахсияти бузург ва ҷасуру далер, ба андешаи инҷониб, барои баъзе аз зиёинамоҳои дампои даврони мо, ки матои худҳошон ғарқи гирдоби таассубу хурофот аст, барои намуна нишон додааст: “**Асирӣ шоири шуҷоъ ва ҷасуре буд. Ӯ ба таври ошкор бар зидди руҳониёни мутаассибу риёкор, ки бо ҳокимони золим якҷо шуда, халқи бечораро бо фиребу найранг ғорат мекарданд, мубориза бурдааст. Шоир, ки худ таҳсилкардаи мадраса дар шаҳрҳои Хуҷанду Хуқанд буд, тинати тоифаи руҳониро медонист ва бо макру ҳияли онҳо хуб ошно буд”** (С.281).

Бидуни шак, ҷавҳари сухан дар мақола марбути шоири донишманд ва тавоно аст ва бехтарин порчаҳои шеърии овардашуда тасдиқи афкори муҳаққиқ мебошанд. Ба хонанда илҳом мебахшанд. Ӯро дар руҳи бахрабардорӣ аз илму маърифат ҳидоят мекунанд.

Дар баробари дастовардҳо, ба фикри мо, мақолаҳои китоб аз камбудиҳо холӣ нестанд.

Як зумра муаллифон, дар доираи мавзуъ, чуръати даст задан ба таҳлил ва арзёбии аҳвол ва ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти тоҷик, ба мисли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигар адибони барҷаста кардаанд. Дар ин роҳ заҳмат кашидаанд. Кӯшидаанд, ки тафсилоте пешниҳод намоянд. Аммо то ҳадди муайян дучори мушкилиҳо гаштаанд. Мо фақат намунаҳои кӯтоҳро дар бораи шарҳи эҷодиёти сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ оварданӣ ҳастем.

КИТОБИ ДАРСӢ

Аввалин ҷумлаи мақола, ки баъди тафсири ҳоли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омадааст ва эҷодиёти ӯро бидуни муқаддима хулосабандӣ карданӣ мешавад, ин аст: **“Мавзӯи ашъори Рӯдакӣ умдатан нопойдорӣ ва бевафоии ҷаҳон, ғанимат шумурдани фурсат, тарғиби шодӣ ва шодзистиро дар бар мегирад”** (С.16). (*Услуби баёни муаллифон дар иқтибосҳо айнан оварда шудааст).*

Ҳамчунон, муҳаққиқ менависад: **“Рӯдакӣ шоири миллигаро ва ситоишгари фарҳанг ва арзишҳои волои миллӣ дар замони Сомониён буд”** (С. 14). Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” калимаи миллигаро ҷойгоҳ пайдо накардааст. Аммо “миллатгаро” ҳамчун пайрави ақида ва сиёсати миллатгароӣ тафсир гаштааст. Он муродифи мафкура ва сиёсати иртиҷоӣ дар муносибат ба миллатҳои дигар ва соҳибимтиёзу бартар шуморидани миллати худ аз миллатҳои дигар тавзеҳ ёфтааст *(Ниг. ба Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Д.: 2010. — С. 839).*

Муҳаққиқ бо овардани беҳтарин порчаҳои шеърии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, мутаассифона, дар шарҳи баробарвазни онон дар доираи мавзуъ аз истифодаи методҳои илмӣ сарфи назар кардааст.

Дар мақолаи **“Фирдавсӣ сарояндаи ҳамосаи Ватан ва андешаи дунявӣ”** муаллиф аз тафсири илмӣ — сабабҳои воқеии ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна худдорӣ мекунад: **“Ба ҳарфи дигар, шуубия ҳамчун ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар муқобили бузургманишӣ (***бузургманиш будан — олитабиатӣ, олиҳиммат, асил*зодагӣ*, ашрофзодагӣ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. -Д:. 2010. -С. 251 — С.Я.)* **ва поймол шудани ҳуқуқи халқҳо, бавижа аҳли Ачам, падид омад, зеро дини ислом дар ибтидо мусовот ва баробарии ҳамаи мусулмононро эълон карда буд, аммо тадриҷан арабҳои истилогар ин шиори инсондӯстонаро канор гузоштанд ва миллатҳои шикастхӯрдаву мазлумро ба номи “маволӣ” хонданд, ҳаққу ҳуқуқ ва баробарии ҳамаи мусулмононро нақзу зери шубҳа гузоштанд...”** (С.24).

Дар таҳлил ва арзёбии ҳаракати шуубия дар китоб ихтилофот ҷой дорад. Он боиси ба иштибоҳ бурдани хонанда мегардад: **«Андешаҳои шуубӣ то чанд сада пас аз истиқлоли давлатҳои миллӣ дар марзҳои Ориёно ҳамчунон ривоҷ дошт ва асоси тамаддуни исломӣ бар он ниҳода шуд”** (С.14); Дар ҷойи дигар: **“Албатта, тавре ки гуфтем, шуубия ибтидо дар дохили худи қабилаҳои араб пайдо шуда буд, зеро ҳар қавму қабилаи араб худро ҳукмрони кишвар меҳисобид”** (С.29).

Аммо хотирнишон бояд кард: **”Шуубия (аз ар. шуъуб-халқ, дар Қуръон ба маънои мардуми ғайри араб, аҷамиён омадааст) ҷараёни оппозитсионӣ нисбат ба усули ҳукмронии сиёсию фарҳангии арабҳоро гӯянд, ки охири асри 8 дар байни аҷамиён пайдо шуда буд”** (Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. -Д.: 1988. -С. 486).

Ба андешаи мо, мушкили асосӣ дар таълифи **“Андешаҳои дунявият дар адабиёти классикии тоҷику форс”** ба таври мушаххас муайян накардани ***объект ва предмети таҳқиқи илмӣ*** аст.

Маҳз ба ҳамин сабаб, бисёре аз муаллифон дар доираи маҷмӯа вазифаҳои худро пурра дарк накардаанд. Китобро на ба сифати дастури таълимӣ — **”Воситаи тавсиявӣ — амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ”,** тавре ки дар таъиноти он эълон шудаст,балки ҳамчун ҷамъи мақолаҳои назариявӣ, ибрози дидгоҳ ё бархӯрди субъективӣ ба мавзуъ қабул кардаанд.

Маълум аст, ки ***объекти таҳқиқот*** маҷмӯи хосиятҳои муайяни зуҳурот ва ҷараёнҳои воқеияи реалӣ мебошад, ки бо сифатҳои алоҳидаи худ – система, структура, вазифа, мундариҷа, аломатҳо ва қонунмандиҳои ҳастӣ аз дигар объектҳое, ки дар табиат, ҷамъият ва тафаккур ҳастанд, фарқ мекунад.

Ба хотири он ки ҷараёни онтологӣ ва гносеологӣ дар доираи объект моҳияти охиринро, дар маҷмӯъ, дар бар мегирад, зарур аст, он **қисмати объект мушаххас карда шавад, ки барои субъекти таҳқиқот ҳамчун арзиши аҳамияти амалии ичтимоидошта интихоб шудааст**. **Ва онро, албатта, *предмети* таҳқиқот ном мебаранд.**

Ин камбудӣ дар бисёр матолиби китоб, алалхусус, дар мақолаи **“Озодандешӣ ва дунёмадорӣ дар рубоиёти Абусаиди Абулхайр”** (С. 36-46) ба назар мерасад.

Истифодаи калима, ибора ва ҷумлаҳое, ки муҳтавои мақолаи зикргардидаро ифода мекунанд, далели ин гуфтаҳоанд: **“Падари ӯ касби ошпазӣ дошта, писарашро аз хурдӣ ба ҷамъомади сӯфиҳо мебурд”; “Баъди омӯхтани илм ба Меҳана омада, хонақоҳе барпо кард”; “Шайх Абусаид бар ин назар буд, ки илм бояд ба мақоми шуҳуд (**шуҳуд – фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел**) бирасад”; “дар шеъру таронаи Абусаид сухани шаръӣ ниҳон буд”; “Абусаид озору азият ва куштани инсонҳоро ҳатто дар зери ливои дин сахт маҳкум мекунад”** (С.38, 39, 40, 45). *(Таваҷҷуҳ шавад ба мантиқ ва шакли ифодаи назари муаллиф ва хулосабарории ӯ маҳз дар ҷумлаи охир).*

Тафсири баъзе порчаҳои шеърии Абусаиди Абулхайр натанҳо дар чаҳорчӯбаи мақолаи зикргардида, балки аз нигоҳи шинохти мавқеи иҷтимоии ин шоири равияи тасаввуф, ба андешаи мо, бозомӯзӣ ва тафсири иловагиро тақозо дорад.

Ратсионализм, тавре ки дар порчаҳои назмии Абусаиди Аблухайр мебинем, дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи шоиста дорад. Аз ин захираи маънавӣ, тибқи мавзӯи илмӣ мақсаднок бояд истифода кард.

Мавқеи олим, шоир, нависанда дар тӯли таърих умуман ва дар давраи ҳассоси давлатсозии имрӯз, хусусан, аз муносибати ӯ ба манфиатҳои воқеан миллӣ – забон, фарҳанг, сарзамин, худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ, дар ин асос тамоюл ва иродаи дар замири наврасону ҷавонон бедор кардани эҳсос ва ифтихори ватандустӣ зоҳир мегардад. Бидуни такя ба илм ва далелҳои таърихӣ чунин кӯшиш аз таассубу хурофот чизе бештар нест.

Боиси таассуф аст, ки баъзе аз намояндагони соҳаи илм, бошуурона *(ё шояд баръакс)* зери пӯшиши гносеологияи схоластикии “фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел” дар осиёби ҷараёнҳои зиддимиллӣ, ҷаҳонбинии мавҳум, ифротгароӣ, ҳаракат ба сӯйи торикиву зулмот об мерезанд ва бо ин амал ба илму маорифи миллӣ “хизмат” карданӣ мешаванд.

Чунин муносибати ***гелтерии содалавҳона*** мактаби миллӣ ва мардумро ба раҳгумӣ мебарад.

Таҳрифи тарзи илмии тафсири таърих ва тафаккури миллӣ, бозтоби он азнигоҳи таассубу хурофот шакли нозуки фидеизм аст, агар он зери пӯшиши муассисаи расмии миллии илмӣ бозтоб гардад. Ва ҳамчун зуҳуроти ниҳоят дағал, аз нигоҳи воқеияти таърихӣ ва адабӣ, ки намунаҳои он дар эҷодиёти Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав ва дигар бузургон оварда шудаанд, ба ҳисоб меравад. **“Фалсафа ҳамчун илми хирад барои ҳама таъин шудааст. На ҳама ба дарки он мерасанд, аммо ин масъалаи дигар аст”** (Гегел Г.В.Ф. Слово о науке. — М.: Знание, 1978. -С.33).

Илмҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла фалсафа, адабиёт, санъат, забоншиносӣ, этнография, давлатшиносӣ ҳуқуқ ва ғайра, дар шакл ва мазмун, сарфи назар аз зинаи камолот, се ҳазор сол қабл ҳам хосият ва бозтоби амиқи сиёсӣ, идеологӣ ва миллӣ доштанд. **Муаллақ набуданд. Соҳиби тараф буданд. Онро ҳимоя мекарданд. Давлат ҳам наметавонист ва наметавонад ҷабҳаи ташаккули маънавии миллатро бетаваҷҷуҳ монад. Муносибатҳои муассисаи марказии сиёсии ҷомеа (давлат, ҳукумат) ва соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, дар асл, як системаи бо ҳам алоқаманд ва вобаста мебошанд.** Ҳолати фавқулодда дар ин муносибат мавзӯи дигар аст.

ДАР БОРАИ ЗАБОНИ МАҶМӮА

Албатта, дар олам забони мутлақи фарогир, ки таркиби луғавии он фақат мансуб ба як миллат ё халқ бошад, вуҷуд надорад. Аммо тамоми забонҳои расмӣ дар ҳар давру замон вобаста ба шароити таърихӣ, вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ, дараҷаи тараққиёти илму техника меъёрҳои истифодашавандаи фонди луғавӣ ва таркиби луғавӣ доранд. Яке аз забонҳои қадимтарини дунё — забони тоҷикӣ аз ин қоида истисно нест. Дар Тоҷикистон ҳам меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ амал мекунанд.

Бояд хотирнишон кард, ки муаллифон ҳангоми иншои мақолаҳо бидуни зарурат аз луғатҳо, калимаҳои арабиасос ва иқтибосие истифода бурдаанд, ки равонӣ ва содагии ифодаҳоро халалдор месозанд. Маънии онҳо ба хонанда нофаҳмо меманад. Ба монанди **лиҳозо** (*бинобар ин, ба ин сабаб*), **маод** (*зиндагии баъд аз марг*), **лоязол** (*лоямут, намиранда*), **тамҷид** (*мадҳ, ситоиш таъриф*), **яди байзо** (*дасти муъҷизаноки Мӯсои пайғамбар, равшанӣ, офтоб, муъҷиза, корнома, маҳорат, тавоноӣ*) **барозанда** *(шоиста, сазовор)*, **тамомиёр** *(тафсир ё тарҷумаи он дар луғат нест)*, **разонат** (устуворӣ, пойдорӣ), **бардагӣ** (асирӣ, ғуломӣ, бандагӣ), **инҳитот** (*фуруд омадан, таназзул*), **муътаъзил** (*канорагир, гӯшанишин*), **каррот** (*дар луғат нест*), **биноан** (*бинобар ин*), **иҷмолан** (*таври хулоса*), **ливоа** (*ливо, парчам, байрақ*), **шикебоӣ** (сабр, таҳаммул), **маҷзуб** *(ҷазбкунанда),* **муаххар** (*таъхирнопазир*) ва даҳҳои дигар.

Вобаста ба ҳадафмандӣ ва таъйиноти маҷмӯа забон ва услуби баёни китоб ниёз ба таҳрир дорад.

Бузургтарин намунаҳои забони тоҷикӣ ва тарзи ифодаи маъниҳо ва мафҳумҳо дар осори безаволи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, “Шоҳнома”-и Абӯлқосими Фирдавсӣ, асарҳои илмӣ ва адабии классикони адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва қудрату маҳорати маъниофаринии онҳо мавҷуданд.

Мақолаҳо, ки ҳамчун дастури таълимӣ таъйин шудаанд, чун қоида, бо саволҳо анҷом меёбанд. Бидуни шак, онҳо бояд имтиҳон кунанд, ки хонанда то кадом андоза мундариҷаи китоб ва мақсади таълифи онро дар доираи мавзуъ ва ҳадафи мавод аз худ кардааст. Боиси таассуф аст, ки дар аксар ҳолат, саволҳо ба чунин талабот ҷавобгӯ нестанд.

Ҳамзамон бо ин, дар китоб хатоҳои мантиқӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, орфографӣ, такрор истифода шудани як калима (*тавтология)*, ҳатто дар доираи як ҷумла, зиёд ҷой доранд, ки аз овардани мисолҳо дар ин бора худдорӣ мекунем.

Қисмати зиёди мақолаҳои китоб ниёз ба таҳрири илмӣ доранд.

ДУНЯВИЯТ, НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚ

Китоби дарсӣ, адабиёти таълимӣ ва ҳама гуна таҳқиқот тибқи назарияи илмӣ, ба ибораи дигар, маҷмӯи идеяҳо ва ҷаҳонбиниҳо, ки зуҳуроти моддӣ ё маънавиро тафсир мекунанд, таълиф мешаванд. Таъкид бояд кард: **“Нисбат ба фарзия (гипотеза) назария гуфта, ҳамон чизеро меноманд, ки тавассути далелҳои илмӣ ё тачриба ҳолат ва хулосаҳои он тасдиқ шудаанд”** *(*Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. — М.: -Наука, 2003. -С.25).

Неруи илм дар тавъам омадани диалектика ва ҷаҳони моддӣ аст.

Тағйироти олами берунӣ ҷараёни беохири олами ҳастӣ мебошад. Он новобаста аз шуури инсон воқеият дорад. Одам – ягона мавҷудоти соҳибшуур қудрати бузурги дарк кардан, фаҳмидан, аз худ намудан ва дигаргун сохтани муҳитро, дар ҳар шакле, ки бошад, дорад. **Ва дар дунё зуҳуроте нест, ки зери таъсири собитқадамона, пайдарпай, бебокона ва мақсадноки илм чун муаммои сарбаста бокӣ монад.**

Агар ба таълимоти илмӣ, фалсафӣ ва адабии абармардони миллати тоҷик дар ҳазорсолаи ахир нигоҳ кунем, дар ин “ҷаҳони ҳамеша гирдгардон” онҳо қудрати “аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ҳал кардани ҳамаи мушкилоти гетиро” воқеан ба намоиш гузоштаанд ва ба ҷаҳониён эълон кардаанд. Ҳарчанд ки адабиёт ва фалсафаи муосири милли вақтҳои охир каме сукут кардаанд, боке нест. Ба хотири он ки мабодо “ҷаҳонро ба бад наспарем”, аз он захираҳои бузурги илмиву маънавии гузаштагонамон набояд фосилагирӣ кунем.

Ба ғайр аз назарияи илмӣ ***роҳ, усул ва воситаи*** расидан ба ҳақиқати илмӣ нақши муҳим дорад. Дар ин самт омӯхтан, аз худ кардан ва интихоб намудани ***методҳое,*** ки муносибати субъекти таҳқиқотро ба объекти таҳқиқот муайян мекунанд, муҳимманд.

Ба назари мо, ҳангоми таҳқиқи ҷаҳонбинии дунявӣ методҳои таърихиву генетикӣ, таърихиву муқоисавӣ, таърихиву типологӣ, системавию сохторӣ, системавию функсионалӣ, омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ ва далелҳои таърихӣ тавъам бо дигар методҳои таҳқиқот масири расидан ба мақсади таълифотро муайян месозанд.

(Давомаш дар сах.10)

ДАР БОРАИ ЯК КИТОБИ ДАРСӢ

(Аввалаш дар сах.7,8,9)

ОИД БА САРЧАШМАҲОИ АФКОРИ ДУНЯВИЯТ

Нютон таъкид карда буд: **“Агар мо аз дигарон дуртар дида бошем, сабаб он аст, ки дар китфони дигарҳо истодаем”.** Ин суханҳо чун ибрози эътиқод, эътироф ва миннатдорӣ аз мутафаккирони гузашта ва ҳамзамон бо ин, ҳидоят ва маслиҳат барои ояндагон аст.

Китобҳои дарсӣ дар мачмӯи таълифот дар соҳаи илму маориф муҳимтарин, арзишмандтарин мавод барои сохтани ҷаҳонбинӣ, тарбияи инсон, эъмори давлат ва давлатдории миллӣ ҳастанд, зеро маҳз ҳамин **“китоб чашму гӯши одамро мекушояд, гигиенаи чисмонӣ ва руҳиву ақлонии инсонро таъмин мекунад, ҷаҳонбинии як одамро ба ҷаҳонбинии инсоният мепайвандад ва баръакс, донистан лозим аст, ки агар мардум содалавҳ монад, онро наздикӣ ба баҳр ҳам наҷот намебахшад”** (Рузвелт).

Адабиёти таълимӣ ва тарбиявӣ мисли фарҳанг (*луғат*) донишҳоеро, ки айни замон дар сатҳи илми миллӣ ва дунё ба барномаи мактабу донишгоҳ мувофиқ меоянд, дар бар мегирад. Ва ҳар сол, агар зарур бошад, ба онҳо тағйироти муайян ворид карда мешавад. Ба ақидаи мо, китоби дарсӣ ягона маводи илмӣ ҳаст, ки ҷавҳари дастовардҳо ва донишҳои соҳавиро вобаста ба объект ва предмети мавзуъ аз адабиёти дастрас дар он ҷамъ, ба таркиби луғавӣ ва мантиқи объект ва предмети мавод мувофиқ карда, пешкаши хонанда мегардонанд. Дар ин маврид, тибқи маъмул, ягон кас кӯшиши даъвои рӯнависиро намекунад.

Навиштани китоби дарсӣ дар илму маорифи тоҷик анъанаҳои таърихӣ дорад. То инқилоб ва замони шӯравӣ танҳо бузургтарин олимон ҷуръати навиштани китобҳои дарсиро кардаанд. Давлат ҳам ба онҳо эътимод бахшидааст. Аз онҳо қаноатманд будааст. **Ин нобиғагони илм ба насли ҳафт даҳсолаи он замон ҳаққи устодӣ доранд. Шогирдон ҳам бо муаллифони китобҳое, ки аз онҳо илм омӯхтаанд, ифтихор мекунанд: Абдулқодири Шакурӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдурауфи Фитрат, Сайид Ризо Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Соҳиб Табаров, Раҳими Мусулмониён, Ҳилол Карим, Воҳид Асрорӣ, Ҳамид Бақозода, Додоҷон Тоҷиев, Носирҷон Маъсумӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Юрий Бобоев, Аълохон Афсаҳзод, Шарофиддин Рустамов ва дигарон.**

Меҳру муҳаббатро ба илму дониш тавассути сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва адабиёти классикӣ маҳз ҳамин донишмандон ва ҳамсафони онон ба миллионҳо наврасон ва ҷавонон омӯхтаанд. Дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро бедор кардаанд. Аз шаш Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба таълифи китобҳои дарсӣ шуғл варзидаанд.

Мо муътақид ҳастем, ки китобҳои дарсии дар соҳаҳои забони модарӣ, сарфу наҳв ва адабиёти тоҷик навиштаи олимони замони шӯравӣ метавонанд бо коркард ва нигоҳи интиқодӣ — тағйири мисол, вазъи сиёсии замон, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмиву методӣ ва услуби истифодаи захираҳои забони модарӣ истифода шаванд.

Олимоне, ки дар асоси риояи мачмӯи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ ба унвони баланди муаллифи китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ сазовор мешаванд, бояд манзалати “Устоди миллионҳо”-ро дар хотир дошта бошанд.

Зеро давлат ба дӯши ононе, ки китоби дарсӣ менависанд, бузургтарин масъулиятро мегузорад. Ҳамзамон бо ин, муаллифони китоби дарсӣ ононе ҳастанд, ки ин масъулиятро дар назди давлат, миллат ва ояндаи он дарк мекунанд.

Мо чунин мешуморем, ки ҷаҳонбинии миллионҳо аз қалами ин шахсиятҳо вобастагӣ дорад.

ХУЛОСА

Дар мачмуъ, мафҳум ва тафаккури дунявӣ дар фарҳанги мо бо дарки илмии истилоҳоти “миллат”, “тоҷик”, “тоҷикият”, “давлати миллӣ”, “манфиатҳои миллӣ”, “хештаншиносӣ”, “худшиносии миллӣ”, “истиқлоли миллӣ”ва “ҷаҳонбинии илмӣ” ҳамсанг аст.

Ҳамзамон бо ин, мафҳуми “афкори дунявӣ” барои мардуми олам, аз ҷумла тоҷикон сухани нав нест. Ҳамқадам ва ҳамсинну соли Homo Sapiens аст. Ҳанӯз аз аввалин эъломияи эҳсоси эътиқод ва эътирофи **“дониш андар дил чароғи равшан будан”,** кӯшиши **“бардоштани ин фалакро зи миён ва сохтани дунёи нав ба мақсади осон ба коми дил расидан”, “ҷаҳонро сақф бишкофтану тарҳи нав андохтан”** шакли расмӣ гирифтааст. Ҳанӯз аз замоне, ки табақаи пешқадами миллат – зиёиён барои истиқлол ва ҳувияти забонӣ, фарҳангӣ, анъана ва расму русуми худ мубориза оғоз намудаанд.

Ҳамин тариқ, дар доираи мантиқи таърихии илм, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик мафҳуми дунявӣ вуҷуд дошт. Дар акси ҳол, мо аввалан тоҷик, баъдан миллат ва ахиран соҳиби давлати мустақил намебудем. Ба даврони хотирҷамъиву осудагӣ ва суботу озодагӣ намерасидем.

Эътиқод, таассуб, хурофот ҳам маҳсул ва ҳамқадами таърихи инсоният мебошанд. Онҳо ҳам мисли дунявият шакли ҷаҳонбинианд. Мантиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ доранд. Барои ҳамаи миллатҳо чунин тақдир ҳамроҳ будааст.

Аммо сухан дар бораи таносубҳо, яъне ***ақаллият*** **ва** ***аксарият*** меравад. Миллатҳое, ки илму дониш фарогири аксарияти онҳо шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. Натанҳо истифодаи захираҳои табиии оламро ба манфиати худ ба роҳ монданд, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд.

Ва баръакс, дар ҷое, ки хурофот ва таассуб аксариятро фарогир шуд, зиёӣ дар ақаллият монд. Сарзамин бо мардумони содаву гумроҳу нодонбачаҳои худ абзори арзони бозиҳои ачнабиён гардид. Омилони геополитикӣ бо сӯиистифода аз дину мазҳаб ва хурофоту таассуб эҳсоси худшиносӣ ва хештаншиносии миллии пайравони исломро беҳис (а н е с т е з и я) карданд. Ба ҷойи он, дар майнаи мусулмонон тухми ҷаҳонбинии “ал – Қоида”, “Давлати исломӣ”, “Ансоруллоҳ”, “ҳизби наҳзати исломӣ” ва дигарҳоро кориданд. Акнун онҳоро ҳамчун лашкари муфту ройгон барои манфиатҳои худ истифода мекунанд.

Ин ҷо сухани Волтер (Франсуа Мари Аруэ, 1694 – 1778) ба хотир меояд, ки гуфтааст: **“Одамони бечора! Чӣ садсолаҳо лозим шуд, ки каме ақл пайдо кунед!”**.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон, ки зиёда аз навад дар сади мардум мусулмонанд, ду роҳ вуҷуд дорад. Ё бо пайравӣ аз илми дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқшуда мамлакати хешро обод, якпорчагӣ ва оромиву озодагии онро таъмин мекунем, ё зери таъсири хурофоту таассуб озодӣ, рушду тараққӣ ва сулҳу суботи давлати миллии худро зери суол мебарем. Роҳи сеюм вуҷуд надорад!

Пайравони роҳи якум ба мисли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, дигар бузургони миллат, зиёиёни миллӣ ва худи мардум ҳастанд. Рӯҳи зиёӣ тавъам бо нерӯи мардумӣ ва худшиносии миллӣ бузургтар, қавитар аз ҳамаанд!

Таърихан ва ҳоло низ дар пушти ҷонибдорони роҳи дуюм қудратҳои геополитикӣ бо барнома ва пулу мол истодаанд. Ба онҳо бояд бо чашми хирад нигарист, шинохт ва манфиатҳои давлати миллиро ҳимоя кард.

Умед аст, ки зиёиён (*шахсони огоҳ аз илму фарҳанг, равшанфикр, бомаданияту соҳибмаърифат*) бо мувофиқ кунонидани донишу малака ба талаботи рӯз ва мукаммал гардонидани пажуҳишҳои худ, аз ҷумла, дар доираи китоби мазкур, дастрас намудани он ба омма барои пойдории давлати миллӣ саҳми муассир хоҳанд гузошт.

Ин натиҷагирӣ аз таъкиди дар таҷрибаи таърих тасдиқгардидаи Аристотел бармеояд, ки гуфта буд: **“Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ ҷавобгӯ бошад; сифати инсонии мувофиқ ба ҳар як сохти давлатдорӣ, ба тарзи одӣ, барои ҳифзи ҳамин сохт хизмат мекунад ва пеш аз ҳама сабаби пайдоиши он мегардад”** (Аристотель. Политика. — М.: РИПОЛ классик, 2010. -С. 535).

С. ЯТИМОВ,
профессор

Тақвими ТОҶИКИСТОН

30 АПРЕЛ

ОЛИМ ОРИФОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

МАНСУР САТТОРОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

АБДУРАҲИМ НЕЪМАТОВ (1942-2015), 80-солагии зодрӯзи сароянда, актёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

1 МАЙ

МЕҲРУБОН НАЗАРОВ (1922-1993), 100-солагии зодрӯзи актёри театр, драматург, профессор, арбоби фарҳангӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

МАЙРАМ ИСОЕВА (1937), 85-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими хизматнишондодаи фарҳанги ҷумҳурӣ.

АЛМОС АБДУЛЛОЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

2 МАЙ

ТАВАККАЛ МАЛИКОВ (1962), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

ШОҲИН НАЗАРОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи доктори илмҳои тиб, профессор.

ФАРИДА МАНСУРОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академик.

АБДУСАМАД ДӮСТОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

САТТОР АБДУЛВОҲИДОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

3 МАЙ

ЗАМИРА ҒАФФОРОВА (1967), 55-солагии зодрӯзи доктори илмҳои филологӣ, шарқшинос, профессор.

ГУРЕЗ ИБРОҲИМОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ЗАРИФ ВАЛИЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

БЕКМУРОД УРОҚОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи корманди ҳизбӣ, арбоби давлатӣ.

4 МАЙ

ТИЛЛО ПӮЛОДӢ (1912-1974), 110-солагии зодрӯзи шоир, арбоби шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ.

АСКАР ИШМАТОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

МУҲАММАДҶОН ХОЛОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

5 МАЙ

МАВҶУДА ҲАКИМОВА (1932-1993), 90-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

МИРСАИД МИРШАКАР (1912-1993), 110-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.
Тел: 221-00-84

Марям Исоева:

65 СОЛ ХИЗМАТ КАРДАН ОСОН НЕСТ!

Бахшида ба 65-солагии фаъолияти эҷодӣ ва 85-солагии Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Марям Исоева дар Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ва Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода маҳфили эҷодии ҳунарпеша баргузор мешавад.



65 сол дар саҳна

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Марям Исоева 85-сола шуд. Ин ҳунарманди маҳбуб, ки чун модари саҳнаи тоҷик эътироф гардидааст, 65 сол боз рӯйи саҳнаи ҳунар бо нақшҳои мондагораш ҷилва мекунад.

Дар арафаи ҷашни мавлудаш ба суроғи ӯ ба Театри академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ рафтем. Марям Исоеваро дар пардозхона пайдо кардем.

- Имрӯзҳо хеле серкорам. Дар намоиши нави театр тамрин мекунам, ба шаби эҷодӣ омодагӣ мебинам, китоби навамро ба чоп омода мекунам, бо журналистон мусоҳиба меороям, дар сабти филми ҳуҷҷатӣ банд ҳастам...

Марям Исоева аз он гиламанд аст, ки барои таҷлили мавлудаш фақат худаш такудав дорад.

- 65 сол хизмат кардан ба санъат кори осон нест. Дар дигар кишварҳо, барои мисол дар Русия мавлуди ҳунармандон бо шукуҳу шаҳомат таҷлил мешавад. Барои ин кор як гуруҳ ҷалб мешаванд. Дар мо чӣ? Таҷлили мавлуд иҷозат нест. Шаби эҷодиро иҷозат медиҳанд, ки онро низ бояд худи ҳунарманд ташкил кунад. Ҳоло ман тамоми корро барои шаби эҷодӣ худам карда истодаам.

Ёди рӯзгори ширин

Марям Исоева аз тобонтарин ситораҳои ҳунари тоҷик аст. Нақшҳои рангину нотакрораш имрӯзҳо дар дили тамошобин ҷойгоҳи махсус доранд. Махсусан, дар иҷрои нақши модарон маҳорати том дорад.

- Тақдир маро ба ҳунар пайваст, зеро ба пайроҳаи пурпечутоби санъат қадам мондани ман ногаҳонӣ буд. Ман аз ибтидо мехостам ҳуқуқшинос шавам, зеро фанҳои гуманитариро ҳини мактабхонӣ дӯст медоштам. Чун хабар ёфтам, ки дар Донишкадаи кинематографияи шаҳри Москва қабули ҳуҷҷатҳо шуруъ шудааст, хостам худамро санҷам. Ҳамин тавр, ҳуҷҷатҳоямро ба шуъбаи сенариянависӣ супорида, донишҷӯ шудам. Яъне актриса шудан дар хаёлам набуд. Аммо... Дар даҳлези донишкада маро профессор Олга Пижова дида, кӣ буданамро мепурсад. Мӯйҳои майдбофии дароз, куртаи атлас ва қаду қомати ман ба ӯ писанд меояд. Чун мефаҳмад, ки тоҷикистонӣ ҳастам, маро ба гуруҳи актёрии Донишкадаи санъати театрии ба номи А. В. Луначарский даъват кард. Ҳамин тавр, донишкадаро бо Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳабибулло Абдуразоқов, Ҳошим Гадоев, Фотима Ғуломова, Тамара Абдушукурова, Тӯрахон Аҳмадхонов, Мая Камолова... хатм карда, инак 65 сол мешавад, ки сарнавиштам ба санъат сиришта аст.

Дар ҳалқаи шогирдон

Марям Исоева мегӯяд, ки ифтихори ӯ шогирдонаш ҳастанд:

- Ман 45 сол аст, ки дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода дарс мегӯям ва шогирдони зиёдеро тарбия кардам.

Шогирдони ман 40 нафаранд, ки дар рушду нумуъи санъати тоҷик талош меварзанд. Аз байни онҳо 15 нафар Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, беш аз 20 нафар Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва 2 нафар Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ҳастанд, ки бо онҳо ифтихор мекунам. Аз миёни шогирдонам бехтаринаш Аловиддин Абдуллоев буд, ки ҷавонмарг шуд...

Марям Исоева мегӯяд, ки шогирдони ӯ давомдиҳандаи кору пайкораш ҳастанд ва ҳар коре, ки дар ҳунар ӯ имкон наёфт кунад, онҳо дар амал татбиқ карданд.

Хумори саҳна

Бо вуҷуди он ки Марям Исоева ҳамоно бардаму солим ва дар авҷи фаъолияти эҷодӣ қарор дорад, вале мухлисонаш шиква мекунанд, ки ҳунарманди маҳбубашонро кам дар саҳна мебинанд.

- Ба саҳна кам ё зиёд баромадани мо ба коргардонҳо вобаста аст. Солҳои охир коргардонҳо асарҳои хурдро мегиранд, ки дар он 4-5 нафар аз "гуруҳ"-и худашон банд мешаванду халос. Гоҳо мо ба ёдашон мерасем. Илова бар ин, намоишҳое, ки ман банд ҳастам, кам ба саҳна гузошта мешаванд. Бинобар ин, ман солҳои охир камтар ба саҳна мебароям.

Вале Марям Исоева ба мухлисонаш муждаи нек ҳам медиҳад.

- Чанд вақти охир саррежиссёри театрамон Султон Усмонов як асари хуби мазҳакавӣ - "Хоҳ биёӣ, хоҳ наё"-ро таҳия кард. Дар ин спектакл яке аз нақшҳои марказиро ман иҷро мекунам. Спектакли хеле хуб аст. Мухлисонамро ба тамошои он даъват мекунам.

Шукрона

Марям Исоева мегӯяд, ки вақте аз қуллаи 85-и умраш ба қафо менигарад, аз зиндагии хеш розӣ аст.

- Ман шукр мегӯям. Ба он хотир, ки дар бехтарин мактаби ҳунарӣ таҳсил кардам, дар давраи тиллоии театру кинои тоҷик беш аз 150 нақши мондагор иҷро кардам, бехтарин шогирдонро тарбия намудам ва ба ин васила барои рушди санъати тоҷик нақши худро гузоштам. Дар корҳои ҷамъиятӣ дар ҳайати Кумитаи Сулҳ ва Ҷамъияти "Дӯстӣ" фаъол будам ва барои рушди кишварам талош кардам.

Марям Исоева мегӯяд, ки аз гузашти умр афсӯс мехӯрад ва суҳбатро бо ин мисраъҳои дӯсташ Лоиқ Шералӣ ҷамъбаст мекунад:

Хазонрезу хазонрезу хазонрез,
Чаро умри ҷавонӣ бигзарад тез?
Чаро одам надонад қимати умр?
Чаро ночиз гардад аз пайи чиз?

Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА



Шоири пуркору серғайрати мо Усмон Олим, ки бо сӯзи дилу ҳиссиёти тамом, бо сидқу ихлоси самимӣ ва нозишу ифтихори воқеӣ аз Ватану миллат сухан мегӯяд, ҳар матлаберо аз зовияи меҳри Ватан ва манофеи миллат бо сарнавишти таърихии тоҷикон пайванд медиҳад.

Усмон Олим дар шумули чунин суханваронанд, ки тамоми сурудаҳояшон дар мадори арзишҳои ҳаётбахши

ШОИРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

Ватан, Миллат ва Таърих чарх мезанад ва тачассуми чунин матолиб дар ашъори замони Истиқлол эҷодкардаи шоир равнақи тоза касб намуданд.

Роҳи эҷодии ӯро метавон ба ду давра тақсим намуд: ашъори замони Шӯравӣ ва даврони истиқлол. Ба мушоҳида мерасад, ки масоили тарбияи ахлоқии инсон, васфи дӯстиву дидори дӯст дар сурудаҳои марҳилаи аввали эҷодиёти Усмон Олим имтиёз доштанд. Намунаи барҷастаи ин навъ сурудаҳои шоир ҳамоно шеърест, ки дар он бо баҳрамандӣ аз каломи устод Рӯдакӣ беҳтарин давлати дунё дидори дӯст унвон мешавад:

Давлати дунё нахоҳам,
давлатам дидори дӯст,
Комҳо ширин кунад ширинии
гуфтори дӯст.
Сарбаландам з-он ки дорам
дӯстони бешумор,
Кишвар ҳатто расад бар
кишвар булғори дӯст.

Давраи ҷадид дар таҳаввули мавзӯии адабиёти муосири тоҷик ангезаи аслии навҷӯиву навгӯиҳои шеъру достонҳо ва осори публитсистии шоир маҳсуб мешавад. Равиши суханғустарӣ то ҷое дар тафаккури эҷодии Усмон Олим нуфуз пайдо кардааст, ки ҳатто дар унвони китобҳои шоир таҷассуми равшан дорад. Ҳанӯз соли 1995 достони "Панди Оли Сомон" ба нашр расид, ки он ба наҳве ҳадиси манзуми таърихи давлатдории Сомониён ва хидматҳои амирони сомонӣ дар рушду такомули адабиёт ва фарҳанги миллӣ мебошад. Баъдан ин достон бо таҳриру такмил чанд маротибаи дигар мучаддадан чоп шуда, аз ҷониби аҳли таҳқиқ ва нақди адабӣ ҳамчун манзумаи таърихӣ баҳои сазовор гирифт. Маҷмӯаҳои шоир бо номҳои "Армуғони шоир", "Марзи сулҳу оштӣ", "Ҳубби Ватан", "Достони ватанхоҳӣ", "Шаҳри сулҳу оштӣ", "Мероси фардо", "Пайроҳаи умр" ва иддае дигар саршори мавзӯоти ватандӯстӣ, тараннуми сулҳу вахдати тоҷикон, худшиносии миллӣ, ручуъ ба таъриху асолати миллӣ ва амсоли он мебошанд. Дар ашъори Усмон Олим, ки ба тараннуми ишқи Ватану ватандорӣ ва сулҳу оштӣ тахсис ёфтаанд, корномаҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари тасвир ва андешаҳои шоир қарор гирифта, арзиш ва аҳамияти сулҳи тоҷикон дар сарнавишти таърихии мардум аз чанд паҳлу ба таҳқиқ омадааст.

Усмон Олим вокеан шоире содиқ ба ормонҳои миллӣ ва маслаки ватанпарварист. Сурудаҳои шоир дар баробари интишор дар шакли китобҳои ҷудогона, пайваста дар нашрияҳои Тоҷикистон чун намунаҳои шеъри ҳиссиётангези ватанпарварӣ ба чоп расида, дар парваридани эҳсоси муҳаббат ба ватан, ба марзу буми хиттаи аҷдодии хеш ва ба таъриху миллат дар ҷомеаи имрӯз нақши муассир мегузоранд.

Усмон Олим солҳост, ки чун шоири номвари маҳфили адибони вахдатсаро шинохта шудааст. Ин маҳфил дерест, ки дар вилояти Суғд бо дастгирии роҳбарияти вилоят амал мекунад ва дар миёни мардум рочеъ ба нақшу мақоми вахдати миллӣ мулоқоту суҳбатҳо баргузор намуда, тавассути силсилаи ашъори вахдат шиори қаламкашони вилоят арзишҳои даврони соҳибистиқлолиро дар қолаби таъсирбахши каломи мавзун тарғиб мекунанд. Аз чумла, дар як шеъри худ, ки "Вахдати ман" унвон дорад, ҳамвора бо тасвиру таъмини арзишҳои вахдати миллӣ вахдати инсонӣ ва вахдати халқҳои ҷаҳонро меситояд, ки он оинаи ибратбахши дӯстии халқҳо ва миллатҳост:

Вахдати ман кошкӣ аз
ҳар нажод,
Дӯстони меҳрубон
гардад зиёд.

Дар мағзи вахдатномаҳои суханвар ҷилваҳои тозаи ғояи ҷовидонаи адабиёти классикии мо - ғояи дӯстӣ, ғояи коштани тухми муҳаббату некӯкорӣ, ғояи ихлосу иродати инсонҳо дар партави воқеиятҳои замони муосир бо каломи созандаву пурҳарорат садо медиҳад:

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ ...

ЗАО "БОНКИ РУШДИ ТОЧИКИСТОН" ФИНАНСОВАЯ ОТЧЕТНОСТЬ И ОТЧЕТ НЕЗАВИСИМОГО АУДИТОРА ЗА ГОД, ЗАКОНЧИВШИЙСЯ 31 ДЕКАБРЯ 2021 ГОДА

ЗАО "БОНКИ РУШДИ ТОЧИКИСТОН"

ОТЧЕТ О ПРИБЫЛЯХ И УБЫТКАХ И ПРОЧЕМ СОВОКУПНОМ ДОХОДЕ
на 31 ДЕКАБРЯ 2021г.
в сомони

	Прим.	2021	2020
Процентный доход	17	506	3 201
Процентные расходы	17	(290)	(129)
Чистый процентный доход		**216**	**3,072**
Сформирование/(резерв) по обесцененным кредитам		(39,826)	-
Чистый процентный доход		**(39,610)**	**3,072**
Комиссионный доход		93	194
Комиссионный расход	18	(240)	(152)
Чистый комиссионный доход/(расходы)		**(146)**	**42**
Чистые изменения по операциям с иностранной валютой		4	37
Чистые изменения от переоценки иностранной валюты		111	115
Операции в иностранной валюте	19	**116**	**151**
Доход от возмещения стоимости активов		7,164	1,723
Прочие доходы/(расходы)	20	(5,024)	1,178
Не операционные доходы (расходы)		**2 140**	**2,901**
Административные расходы	21	(4,254)	(4,162)
Прибыль до налогообложения		**(41,756)**	**2,004**
Налог на прибыль		-	-
Чистая прибыль		**(41,756)**	**2,004**

Шарифов П. О.
Председатель правления

Нозимов Д.М
Главный бухгалтер

ЗАО "БОНКИ РУШДИ ТОЧИКИСТОН"

ОТЧЕТ О ФИНАНСОВОМ ПОЛОЖЕНИИ
на 31 ДЕКАБРЯ 2021г.
в сомони

	Прим.	2021	2020
Активы			
Денежные средства и их эквиваленты	5	532	2,172
Средства в других финансовых организациях	5	7,772	9,806
Кредиты, выданные клиентам	6	1,266	215
Инвестиционные ценные бумаги		-	2,000
Внеоборотные активы, предназначенные для продажи	9	19,111	31,804
Основные средства	7	989	1,240
Нематериальные активы	8	996	1,106
Дебиторская задолженность	10	1,038	4,063
Прочие активы	11	807	2,091
Всего активы		**32,510**	**54,497**
Обязательства			
Средства в банках и других финансовых учреждениях	12	7,997	9,205
Депозиты клиентов	13	9,022	12,056
Налог на прибыль к оплате	14	-	-
Прочие обязательства	15	851	2,131
Всего обязательства		**17,871**	**23,392**
Собственный капитал			
Собственный капитал	16	64,180	64,180
Накопленные убытки		-52,591	-36,125
Общие резервы		3,050	3,050
Другие резервы		-	-
Доля меньшинства		-	-
Всего собственный капитал		**14,639**	**31,105**
Всего обязательство и капитал		**32,510**	**54,497**

Шарифов П.О.
Председатель правления

Нозимов Д.М
Главный бухгалтер

ЗАО "БОНКИ РУШДИ ТОЧИКИСТОН"

ОТЧЕТ ОБ ИЗМЕНЕНИЯХ В СОБСТВЕННОМ КАПИТАЛЕ
на 31 ДЕКАБРЯ 2021г.
в сомони

	Собственный капитал	Резервы для будущих операций	Общие резервы	Накопленные убытки	Всего
Остаток на 01 января 2020	**64,180**	**-**	**3,050**	**(38,128)**	**29,102**
Убыток за год	-	-	-	2,004	2,004
Выкуп акций	-	-	-	-	-
Перевод в резерв для активного кредита	-	-	-	-	-
Остаток на 31 декабря 2020	**64,180**	**-**	**3,050**	**(36,124)**	**31,106**
Увеличение резервов и капитала	-	-	-	-	-
Прибыль текущего года	-	-	-	(16,467)	(16,467)
Остаток на 31 декабря 2021	**64,180**	**-**	**3,050**	**(52,591)**	**14,639**

Шарипов П.О
Председатель правления

Нозимов Д.М
Главный бухгалтер

МЕФУРЎШАМ ХОНА

► 4-ҳуҷрагӣ, қабати сеюми бинои панҷошёна, таъмиршуда, бо ҳамаи шароитҳояш, суроға: Профсоюз, кӯчаи А. Ғуломов 20/1, нархаш 62 000 в.ш. (бо сомонӣ). Тел: 888-78-77-77.

► Бӯстонсаро (дача) дар деҳаи Дарёбод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, ноҳияи Рӯдакӣ. Иборат аз 6 сотих замин. Бинои истиқоматӣ иборат аз таҳхона, пешайвон, ду ҳуҷраи истиқоматӣ, ошхона. Шиносномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ дорад. Нарх шартномавӣ. Тел: 918-73-40-10.

МЕХАРЕМ

►Яхдонҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми ШМҲ №0010077-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Варзоб, деҳаи Варзоб, ҷамоати Варзоб-қалъа соли 2005 ба Абдуллоев Ҳайдар додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо варақаи қайди №1953, рақами инвентарии 3250 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳаёти нав 260 а ба номи Дарвешев Хайриддин Сайёдович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Се аппарати кассаи ҶДММ "СМ Арзанда" Миника 1102Ф 0000148, ОКА ПФ 29592, ОКА ПФ 29658, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон 2-2, М-6, хонаи 11, ҳуҷраи 2 ба номи Ҳасанова Шамсия Ҳасановна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавси 73, ҳуҷраи 42 ба номи Кабирова Моҳинав, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Игамбердыев Маҳмуд Қурбонович, №0421373, РЯМ: 0130181095, РМА: 015776892, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 06.02 соли 2020 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифода замин Б-0717767-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Варзоб соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Деҳмалик, к/к Роғ ба Ғафорова Орзугул Эшоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, хонаи 48, ҳуҷраи 23 ба номи Ғаюров Саймумин Асрорович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Д91247-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Боқиев Ҷамшед Норович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Давлатов Мирали Ҳасанович, РЯМ: 0430198551, РМА: 195297343, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 8Д-6001-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27.11 соли 1997 бо суроғаи кӯчаи Р. Набиев, хонаи рақами 176 ба Шарифов Исомудин Умарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Мирализода Ҷонибек Алишерович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Маҳмудов Комрон Сайдаҳматович додааст, беэътибор дониста шавад.

ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ «АРВАНД»

ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 БА ОХИР РАСИД
(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст
Даромадҳои фоизӣ	4	145,672	110,647
Харочотҳои фоизӣ	4	(69,818)	(52,602)
ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВӢ ВА ЭЪТИРОФИ ТАХФИФ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА		75,854	58,045
Барқарорсозии/(ташаккули) захира барои талафоти эҳтимолии қарзӣ аз руи қарзҳои ба мизоҷон додашуда	16	231	(6,309)
Эътироф кардани тахфиф аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда	16	(2,001)	-
ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ		74,084	51,736
Даромадҳои комиссионӣ	5	5,332	3,920
Харочотҳои комиссионӣ	5	(5,287)	(3,659)
Зарари соф рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ	6	(762)	-
Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ	7	6,816	5,592
Барқарорсозии/(ташаккули) захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо	8	1,518	(2,969)
Дигар даромадҳо, холис	9	2,697	8,939
ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ		10,314	11,823
Харочотҳои амалиётӣ	10	(67,591)	(57,731)
ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА		16,807	5,828
Харочоти андоз аз фоида	11	(5,491)	(2,488)
ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ		11,316	3,340
Маҷмӯи даромади ғайр:			
Унсурҳое, ки наметавонанд баъдан ба ҳисобот оид ба фоида ё зарар тасниф карда шаванд:			
Тағйирёбии арзиши одилонаи сармоягузорӣ		(27)	-
Азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ	18	8,520	-
ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД		19,809	3,340

Аз номи роҳбарияти Бонк:

Содиқова Шоира
Раиси Бонк
1 апрели соли 2022
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Қаҳор
Директори департаменти молиявӣ
1 апрели соли 2022
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ «АРВАНД»

ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021
(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	31 декабри с. 2021	31 декабри с. 2020
ДОРОИҲО			
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	12	53,927	44,875
Воситаҳо дар бонкҳо	13	10,824	57,880
Воситаҳои барои истифода маҳдуд	14	26,205	6,551
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд	15	-	63
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	16	607,955	402,697
Сармоягузорӣ	17	301	328
Воситаҳои асосӣ	18	34,207	25,147
Дороиҳои ғайримоддӣ	19	4,731	4,565
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	20	4,809	4,059
Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд	21	871	3,585
Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда	11	1,036	1,653
Дороиҳои дигар	22	7,732	8,081
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		752,598	559,484
ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ			
ӮҲДАДОРИҲО:			
Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ	23	5,906	15,540
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд	15	663	-
Воситаҳои мизоҷон	24	158,223	109,887
Маблағҳои қарзӣ	25	471,825	340,092
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	20	5,082	4,715
Дигар ӯҳдадориҳо	26	6,194	4,354
		647,893	474,588
КАПИТАЛ:			
Сармояи оинномавӣ	27	55,401	55,401
Сармояи барилова пардохтшуда		4,871	4,871
Захираҳои умумӣ		17,599	13,848
Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ	18	15,090	7,025
Фоидаи тақсимнашуда		11,744	3,751
		104,705	84,896
ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ		752,598	559,484

Аз номи роҳбарияти Бонк:

Содиқова Шоира
Раиси Бонк
1 апрели соли 2022
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Қаҳор
Директори департаменти молиявӣ
1 апрели соли 2022
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Раҳимов Тилло Икромович, РЯМ: 0130102867, РМА: 015594148, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2014 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи рондагии АА0849736-и гумшуда, ки онро автодроми ноҳияи Фирдавсӣ соли 2019 ба Ашуров Далер Раҷабалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттесатати хатми синфи ёздаҳуми ГТС №0031870-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №122-и ноҳияи Фирдавсӣ (собиқ МТМУ №44 ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1996 ба Каримова Собира додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети Г18378-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Юсупов Ҳасан Сифатиллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Д4-1373 аз 16.06 соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 5 (собиқ Федина 5), ҳуҷраи 52 ба номи Муродов Ҳайдар, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТ №826189 бо рақами қайди 6453-и гумшуда, ки онро Техникуми тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон соли 1982 ба Самадов Х. додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати истифодаи замин таҳти №0023225-и гумшуда, ки онро КДФ бақайдгирии молу мулки ғайриманқули шаҳри Душанбе соли 2016 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Будённий, хонаи 42 ба Тошев Ёфтак додааст, беэътибор дониста шавад.

► Манзилнома №2847 аз 04.10 соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 7/2, ҳуҷраи 14 ба номи Алиева Фатима Гулямовна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Н. Қарабоев 7/2, ҳуҷраи 58 ба номи Бозоров Ҷума Мирзоевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Б-І №575344 бо рақами қайди №3206-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (собиқ Т. Г. Шевченко) 14.12 соли 1977 ба Маматалиев Абдужалил Нарзуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-1215-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 09.10 соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Теппаҳои Шарқӣ маҳаллаи 7, қитъаи 8 ба Хушдилова Санам Мукбиловна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира №1ш-3426-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 9-уми октябри соли 2019 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Корвон, хонаи 03/02, ҳуҷраи 72 ба Сафаров Навруз Сайҷафарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Камилов Исроилҷон Сотиболдиевич, РЯМ: 3430017800, РМА: 345087175, ки онро Нозироти андози ноҳияи Кӯшониён 05.01 соли 2012 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 6Д-2211-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии 2-юми шаҳри Душанбе 12.07 соли 1991 бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Юж. Обходная, хонаи 14, ҳуҷраи 85 ба Абдужабаров Хамид додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи 0673476 бо рақами қайди 12525-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Куштеппа, деҳаи Дмитров баТошев Ориф додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А0178671 8-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ 02.03 соли 2019 ба Бахтибеков Мамадаёзхон Табрезович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми ШМҲ № 0009021 - и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Сино соли 2004 ба Сафаров Хуршед додааст, беэътибор дониста шавад.



29-УМИ АПРЕЛ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РАҚС

РАҚС МАЪНИИ ЗИНДАГИИ МАН АСТ,-

мегӯяд Шаҳноз Ҳамидзода



Раққосаи хушхироми кишвар Шаҳноз Ҳамидзода аз синни 5-солагияш ба рақсидан машғул аст. Ҳамсояҳо завқу шавқи ӯро дида, ҳар бегоҳ дар рӯи ҳавлӣ "консерти зинда" ташкил мекарданд. Дар ҳавои мусиқии гуногун Шаҳнози хурдсол арғушт мерафту мафтуни истеъдоди ӯ мешуданд.

- Мухлисони аввалини ман ҳамсояҳо буданд, зеро онҳо талқин намуданд, ки ҳамин ҷодаро интихоб намоям. Дар телевизион пас аз шунидани эълон оид ба қабули духтарон ба дастаи ҳунарии рақсии «Чаҳоноро» ҳамсояҳо модарамро маҷбур намуданд, ки маро ба он аъзо намоянд. Аммо модарам зид буданд. Модарамро зора кардам, ки маро шомили он гуруҳ созанд. Ниҳоят бо даҳолати ҳамсояҳо ва пофишориҳои худам ба гуруҳи рақсии бачагона шомил шудам. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд. Фаъолияти студияи рақсӣ низ чандон назаррас набуд, гоҳе кор мекарду гоҳе не. Сипас он студияи кӯдакона маҳкам шуд. Ман ба гуруҳҳои дигар рафта, пайи идомаи пешаи дӯстдоштаи худ шудам. Ба гуруҳи «Парвоз»-и Ҷамила Охунова ва «Зебо»-и Мирзо Сатторов рафтам. Сипас ба дастаи калонсолони «Зебо», ки роҳбариашро Имоми Раҳмониён бар дӯш доштанд, шомил шудам,- мегӯяд Шаҳноз.

Пас аз таъсис ёфтани дастаи рақсии «Гулрез» Шаҳноз ба он шомил шуд. Сол 2007 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бо ихтисоси рассом-стилист тамом намуда, чанд муддат дар муассисаҳои олии таълимӣ, аз қабили Консерваторияи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон аз таърихи либос дарс медод.

Дар донишгоҳ роҳбараш - рассоми шинохтаи кишвар Зуҳур Ҳабибуллоев дар Шаҳноз истеъдоди рассомиро мушоҳида намуда, талқин менамуд, ки пайваста ин ҳунарро сайқал диҳад. "Умри рақс кӯтоҳ асту умри рассомӣ дароз",- таъкид мекард З. Ҳабибуллоев ба шогирди қобилиятноки худ ва мегуфт, ки бояд якеро интихоб намояд.

Шаҳноз дар кӯдакӣ ба шоҳмот низ майл дошт, аммо аз шоҳмоту рассомӣ дида, санъати рақс ғалаба намуд ва ба ин ҳунари нафис содиқ монд. Ӯ аз хурдӣ дар озмунҳои гуногун иштирок менамуд. Соли 1997 бо иҷрои рақси «Мустаҳзод» (басаҳнагузоранда Фароғат Азизова) лауреати озмуни ҷумҳуриявии «Ғунчаҳои санъат» гардид. Репертуари Шаҳноз хеле бою рангин буда, рақсҳои гуногунро дар бар мегирад. Чандин бор дар арчаи солинавӣ, ки бо иштироки Пешвои миллат доир гардид, бо "Рақси мор" ҳунарнамоӣ намуд. Ҳамзамон, бо ҳамин рақс дар Туркманистон низ баромад кард, ки басаҳнагузорандаи он Мирзо Сатторов буд.

Албатта, дар ҷомеа нафароне ҳастанд, ки ба ҳунари рақсӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ надоранд ва нисбат ба раққосаҳо назари нодуруст доранд. Ба ақидаи ҳамсуҳбати мо Шаҳноз, ин аз кам будани маънавиёти онҳо дарак медиҳад ва набояд ҳамаро бо як чашм дид. Дар ҳар як касбу кор одамони неку бад дучор мешаванд. Ҳар кас меъмори бахту қисмати худ аст.

- Рақс ба андешаи шумо чист?,- мепурсам аз Шаҳноз.

Ӯ лаҳзае андеша намуда, мегӯяд:

- Саволи басо фалсафӣ додед... Рақс зебоист, он маънои зиндагист, рақс ҳиссиёти нотакрори инсон аст.

Ба Шаҳноз муяссар шудааст, ки то имрӯз ба кишварҳои зиёди хориҷ, аз қабили Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус, Ҳиндустон, Чин, Кореяи ҷанубӣ, Фаронса, Озарбойҷон сафар намуда, санъати волои рақсии тоҷикро муаррифӣ намояд. Ӯ дар ин ҷода М. Сатторов ва И. Раҳмониёнро устодони худ меҳисобад ва аз чанд ҳунарманди дигар низ сабақ гирифтааст.

Шаҳноз Ҳамидзода ҳунарманди балети дараҷаи олии дастаи «Гулрез»-и Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон буда, дар репертуари ӯ рақсҳои миллатҳои гуногун ҷой доранд. Аммо ӯ бештар рақсҳои классикии тоҷикиро меписандад ва иҷрои рақсҳои «Тановор», «Чапандози наво», «Таронаҳои Бухоро», «Муноҷот», «Мустаҳзод» ва ғайра ба ин мисол шуда метавонанд, ки дар танҳоӣ низ бо маҳорати хос ин рақсҳоро иҷро менамояд.

Рақсҳои классикӣ таҷассумгари фарҳангу санъати пурғановати мост. Ҳоло Шаҳноз ва ҳамкоронаш ба чорабиние, ки бахшида ба рӯзи Шашмақом доир мешавад, омодагӣ доранд. Чанде пеш телевизиони «Сафина» дар бораи ҳаёту фаъолияти Шаҳноз филми хуҷҷатиеро бо номи «Чарх бизан» ба навор гирифт. Ӯ нақша дорад, ки доир ба санъати рассомӣ ва рақс китобҳо навишта, ба ин васила бори дигар исбот намояд, ки тоҷикон дорои санъати воло ва арзишманду беназире мебошанд.

Шаҳноз дорандаи Ифтихорномаи Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои дигари соҳавӣ буда, маънии зиндагии худро дар рақс дарёфтааст.

Насрулло ТУЙЧИЗОДА,
журналист

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи нав барои ҳамалҳо як қатор навгониҳоро пеш меорад. Сешанбе дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмиҳо боиси сар задани ҷангу ҷанҷол мешавад, агар оромона ҳамаашро тоқат кунед, то охири ҳафта ҳамааш мисли пешина хуб мешавад.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта муносибатҳои ошиқонаатон ривоҷ меёбаду ошиқатон аз издивоҷ сухан мекушояд. Саросема нашаведу ҳаматарафа ӯро санҷед. Охири ҳафта даромади калоне ба даст меоред, як қисмашро барои ҳалли мушкилиҳоятон сарф кунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта ситораҳо сабуриро тавсия медиҳанд. Мушкилиҳое пеш меоянд, ки дар танҳоӣ ҳал карда наметавонед. Аз ошиқатон кумак пурседу худро аз фикри беҳуда азоб надиҳед. Нимаи дуюми ҳафта дӯсти наздикатон шуморо фиреб дода, ба чашматон хок пошиданӣ мешавад. Дер ё зуд ҳамааш рӯи об мебарояд.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи нав бо хабарҳои хушаш аз ҳафтаҳои гузашта каме фарқ мекунад. Барои ба мақсад расидан каме фаъол бошеду имкониятҳоро ба фоидаи худ истифода баред. Тасодуфан бо ошиқи бевафоятон вомехӯред. Миёнаи ҳафта дар коргоҳ нофаҳмӣ сар мезанад.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи нав амалишавии орзуи деринатон рашку ҳасади атрофиёнро меорад. Сешанбе барои ҳалли масъалаи ҳаётан муҳим маблағ лозим мешавад. Қарз бигиреду корҳоятонро анҷом диҳед, имкон даст диҳад, пулро бармегардонед. Панҷшанбе каме асабонӣ мешавед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ҳафтаи нав бароятон душвортарин ба ҳисоб меравад. Дурӯғи ошиқатон фош шуда, муносибатҳоятон хотима меёбад. Нафароне, ки бо тиҷорат машғуланд, дар ин ҳафта хеле серкор ва соҳиби даромади хуби пулӣ мешаванд. Саломатӣ ташвиш намедиҳад.



Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта намояндагони ин бурҷро нокомӣ дар назар аст. Дар ҷодаи кор ҳуҷҷатҳои муҳимро гум мекунеду аз роҳбар гап мешунавед. Нимаи дуюми ҳафта вазъи саломатии шахси наздикатон шуморо ба ташвиш меорад. Дар ҷодаи ишқ каме бамеҳртар бошед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта мушкилиҳои хонаатонро ба берун набароред, вагарна дар назди душманон забонкӯтоҳ мешавед. Ақрабҳои бекор ба ҷустуҷӯи кор бароеду ба шиносони деринатон мурочиат кунед. Нимаи дуюми ҳафта ошиқ шуданатон эҳтимол дорад.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафтаи нав сафарҳои корӣ дар назар аст, ба корҳо бо майлу рағбат ва диққати махсус муносибат намоед. Нисбати саломатӣ беаҳамиятӣ накунед, вагарна бемориатон хуруҷ мекунад. Рӯзи ҷумъа барои беаҳамиятӣ ва серкориятон аз ошиқатон танбеҳ мешунавед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.01


Аввали ҳафта ҳолати руҳиятон вобаста ба боду ҳаво иваз мешавад.

Рӯзи сешанбе ба домиғвоангезон меафтеду роҳи гурез меҷӯед, аммо агар оромиро пеша кунеду ба онҳо аҳамият надиҳед, тамоми нақшаҳоятон барбод мераванд.



Далв
21.01 - 19.02

Далвҳои роҳбарро зарур мешавад, ки ба коргарон аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Кӯшед худ намуна бошед, вагарна дар назди зердастон забонкӯтоҳ мешавед. Нимаи дуюми ҳафта каме дар бораи ояндаатон фикр кунед, зеро танҳоӣ аз гӯр ҳам тангу торик аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафтаи нав пешниҳоди хуби корӣ мешавад. Пеш аз розӣ шудан тамоми паҳлуҳояшро санҷида бинеду баъд аз пушаймонӣ сухан накушоед. Нимаи дуюми ҳафта корҳои нотамоматонро анҷом диҳеду аз пайи оғози корҳои нав шавед.

ШОИРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

(Давомаш дар саҳ. 15)
(Давомаш дар саҳ. 15)

Ваҳдати ман, ростӣ,
бошад дигар,
Гарчӣ метобад ба
чашмат камназар.
Ваҳдати ман:- умрҳо
пиру ҷавон,
Кохи дӯстиро
бигардад посбон.
Дӯстие, ки ба алфози закӣ,
Зеб дод ҳусни онро Рӯдакӣ:
«Ҳеҷ шодӣ нест андар
ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи
дӯстон».

Усмон Олим чун шоири ваҳдатсаро ва замзамапардози ормонҳои миллӣ ин матлабро ба ҷомеаи имрӯз гӯшзад мекунад, ки ҳомиву пуштибони сулху ваҳдат бошанд, ки ин арзиши муқаддас асоси истеҳкоми давлату миллат маҳсуб мегардад:

Сулҳу ваҳдат ҳар қадар
тавъам шавад,
Давлатат даҳчанд
мустаҳкам шавад.

Бо такя бар он ки имрӯз ҷаҳони муосир ниёзи фаровоне ба сулҳу дӯстӣ дорад, Усмон Олим ҳамчун шоири ваҳдатсаро ва тарғибгари сулҳ тантанаи ин неъмати безаволро барои тамоми ҷаҳон вазифаи муқаддаси хеш мепиндорад ва таъкид медорад, ки кабӯтари сулҳи ҷаҳон имрӯз бар ҷони мо ҳастӣ намуда, аз дуриҳои дур ба саросари олам мактуби сулҳро бо минқори хеш мебараду нидо мезанад:

Кабӯтари сулҳи ҷаҳон,
Бар ҷони мо ҳастӣ ту ҷон.
Бубар ту бо минқори худ,
Мактуби мо ба ҳар забон:
Бе сулҳ будан мушкил аст,
Он ки нафаҳмад, ғофил аст.

Воқеан, мушкилоти кунунии сайёраи мо собит карда истодаанд, ки бидуни сулҳ ҷаҳон ба мушкилӣ мепечад ва имрӯз ҷангҳои зиёди рӯи олам аз он дарак медиҳанд, ки башарият ба сулҳ ниёз дорад ва ғафлат аз зарурати сулҳ ҳамчун нӯшдоруи наҷот боиси ин ҳама нооромиҳо мешавад. Ба назари шоир, сарчашмаи ин ҳама нооромиҳо аз ҳақиқату зарурати сулҳ ғофил мондани инсонҳост.

Ҳарчанд синну соли шоири ватандӯст ва сарояндаи шеъри ватандорӣ дар домани 90 аст, аммо эшон то ҳол бо қалами оташнафас, бо иштиёқи камназири миллатпарварӣ ва ватанхоҳӣ барои тарбияи насли замони истиқлол хидмат мекунанд.

Таманнои он мекунем, ки солиёни дароз шеъру андешаи пурмуҳаббати устод Усмон Олим мураббии ҷомеа бошад.

Салимӣ Носирҷон
ЮСУФЗОДА,
узви пайвастаи АМИ Тоҷикистон

САНАИ ИДИ ФИТР МАЪЛУМ ШУД. ИМОМХАТИБОН ВАЗИФА ГИРИФТАНД

2 -юми май, соати 6-и субҳ дар Тоҷикистон намози ид хонда мешавад ва иди Фитр низ дар ҳамин рӯз таҷлил мешавад. Дар ин бора Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон имрӯз, 27-уми апрел дар як нишаст қарор қабул кард.

Афшини Муқим, сухангӯи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон гуфт, ки дар нишаст имомхатибон вазифадор шудаанд, ки барои расонидани кумаки моддӣ ба муҳтоҷону ниёзмандон, инчунин, пешгирии ҳар гуна исрофкорӣ дар рӯзҳои ид ва сарфаю сариштакорӣ мардумро ҷалб кунанд.

Ёдрас мешавем, ки имсол фитри рӯза 7 сомонӣ (ба ҳисоби гандум) ва 80 сомонӣ (ба ҳисоби мавиз барои шахсони нисбатан доро), нисоби закот 35 ҳазор сомонӣ, ки аз ин маблағ 875 сомонӣ закот пардохт мешавад ва фидяи савм барои соҳибони узри шаръӣ ба миқдори 420 сомонӣ барои 30 рӯз муайян гардидааст.

Хабарҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон дар Pressa.tj

ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОБИҚАИ UEFA ШИРКАТ МЕКУНАНД



Дар доираи омодагиҳо ба мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии сармураббӣ Зайниддин Раҳимов дар мусобиқаи байналмилалии рушди UEFA, ки аз 3 то 8-уми май дар Македонияи Шимолӣ баргузор мешавад, ширкат мекунад.

Дар мусобиқаи байналмилалии рушди UEFA дар шаҳри Скопе дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) бо дастаҳои Македонияи Шимолӣ (3-юми май), Гондурас (5-уми май) ва Косово (8-уми май) бозӣ мекунад. Мусобиқа аз рӯи системаи даврӣ дар як давр баргузор мешавад.

Баъди анҷоми ин мусобиқаи байналмилалӣ дастпарварони Зайниддин Раҳимов ба Душанбе бармегарданд ва дар Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои наврасони то 16-сола, ки аз 11 то 21-уми май дар назар аст, иштирок хоҳанд кард.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ

«ИСТИҚЛОЛ» ДАР МУСОБИҚАИ БОНУФУЗИ ОСИЁ НОКОМ ШУД

Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе, ки дар марҳилаи гуруҳии Лигаи чемпионҳои Осиё-2022 ширкат дорад, бохти панҷумро таҳаммул кард ва ин навбат бо натиҷаи 0:1 аз дастаи қатарии «Ал- Райён» шикаст хӯрд.

«Истиқлол» бозии панҷумро дар Лигаи чемпионҳои Осиё-2022 бо дастаи «Ал-Райён», ки дар даври якум бо натиҷаи 2:3 ноком шуда буд, низ бохт. Дастаи Виталий Левченко дар бозӣ бо «Ал-Райён»-и Қатар дар лаҳзаҳои охири рақобат имкони касби ҳадди ақал як имтиёзро аз даст дод. Ин бозӣ бо натиҷаи 0:1 бар нафъи қатариҳо анҷом ёфт.

Дар бозии дигари ин давр дар ин гуруҳ «Шарқа» бо «Ал Ҳилол» мусовӣ кард. Ба ду голи дар аввали бозӣ задаи «Шарқа» бозигарони «Ал Ҳилол» дар охири вохӯрӣ ҷавоб гардонданд. Ҳоло «Ал Ҳилол» дар садри ҷадвал қарор дорад ва «Истиқлол» бидуни имтиёз дар ҷойи охир аст.

Дар бозии ниҳоии марҳилаи гуруҳии Лигаи чемпионҳои Осиё-2022 дар чаҳоргонаи «А» «Истиқлол» бо клуби «Шарқа»-и Амороти Муттаҳидаи Араб вомехӯрад.



НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР МУҒУЛИСТОН

Аз 19-ум то 24-уми апрел дар шаҳри Улан-Батори Муғулистон Чемпионати куштии Осиё баргузор шуд, ки дар ин мусобиқа наздики 270 варзишгар аз 18 кишвари қора иштирок доштанд.

Аъзои дастаи мунтахаби куштии тарзи озоди Тоҷикистон Муҳаммад Икромов (-61 кг), Шуҳрат Бозоров (-79 кг) ва Искандари Рустам (-125 кг) дар ин мусобиқаи сатҳи баланди қоравӣ ширкат варзиданд.

Чемпионати Осиё 19-уми апрел бо қувваозмоиҳои куштии юнонӣ-румӣ оғоз гардида, 21-ум ва 22-юми апрел бонувон, сипас 23-юм ва 24-уми апрел паҳлавонон дар намуди куштии тарзи озод сабқат карданд.



23-юми апрел Шуҳрат Бозоров зери вазни то 79 килограмм дар даври аввал аз намояндаи Ҷопон бо натиҷаи 11 бар 1 мағлуб шуда, аз идомаи мусобиқа бенасиб монд.

24-уми апрел ду намояндаи дигари кишвари мо Муҳаммад Икромов зери вазни то 61 кг ва Искандари Рустам зери вазни то 125 кг дар сабқатҳои куштии тарзи озод баромад карданд. Искандари Рустам зери вазни то 61 кг аз намояндаи Муғулистон Наранху Нармандах бо натиҷаи 4 бар 14 дар даври аввал мағлуб гардид.

Искандари Рустам муқобили паҳлавони кишвари Корея Йехёну Юнгу арзанда рақобат карда натавонист ва бо натиҷаи 0 бар 6 шикаст хӯрд.

Ҳамин тавр Чемпионати куштии Осиё барои варзишгарони Тоҷикистон бебарор анҷом ёфт.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

ШАКАРХАНД

Қарз

Зан ба марди дӯстдоштааш мегӯяд:

- Мо кай оиладор мешавем?

Мард дар ҷавоб:

- Фотимаҷон, ман алҳол имкони бо шумо издивоҷ карданро надорам, вале камкам қарзи заношавҳариро адо карда метавонам.

Шаҳодати бардурӯғ

Дар толори суд аз судшаванда мепурсанд:

- Мутмаинам, хеле хуб медонед, ки барои додани шаҳодати бардурӯғ шуморо чӣ интизор аст?

Судшаванда дар ҷавоб:

- Бале, BMW ваъда додаанд.

Камбудӣ

Зердаст аз раиси худ мепурсад:

- Раис, шумо ягон бор ба занатон рӯирост ҳамаи камбудиҳояшро гуфтаед?

Раис дар ҷавоб:

- Бале. Мехоҳӣ захми сарамро нишон диҳам?

Наполеон

Равоншинос ба бемор баъд аз табобати тӯлонӣ мегӯяд:

- Шуморо табрик мекунам, аллакай ҳолатон рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Бемор мегӯяд:

- Шумо беҳбудӣ гуфта, чиро дар назар доред, духтур? Ба маълумоти шумо мерасонам, ки шаш моҳ қабл ман Наполеон будам, акнун ҳеҷ касам!

Кредит

Намояндаи бонк ба марде занг зада, мепурсад:

- Салом. Шумо ҷои кор меҷӯед?

Мард мегӯяд:

- Бале, меҷӯям.

Корманди бонк мегӯяд:

- Беҳтарин! Ҳамин ки ҷои кор ёфтед, ба мо занг занед. Мо ба шумо бо имкониятҳои мусоид кредит пешниҳод мекунем!

Хизматрасонӣ

Марде дар фурудгоҳ ба маъмурият мегӯяд:

- Шумо метавонед як ҷомадони маро ба Русия ва дигарашро ба Туркия равон кунед?

Корманди фурудгоҳ мегӯяд:

- Не, мо чунин тарзи хизматрасонӣ надорем.

Мард мегӯяд:

- Хеле хуб, зеро дафъаи гузашта шумо ҷомадонҳои маро ҳамин гуна равон карда будед.

Ҷашн

Зане ба назди духтур рафта, мегӯяд:

- Доктор, баъди аз шавҳарам ҷудо шудан сахт фарбеҳ шудам. Ба ман ягон твасия медодед.

Духтур дар ҷавоб:


- Ҷашн гирифтанро бас кунед-дия!

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



Падар: -Ин қадар дарсҳои донишгоҳ мушкил...
Модар: -Кош писарамонро ба ягон колеҷ дохил мекардем...

Рассом: Насиба НАЗАРЗОДА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

ИМА БА ТОҶИКИСТОНИЁН РАВОДИДИ МУҲОҶИРАТ МЕДИҲАД!

Соли равон оилаи мо ғолиби лотереяи “Грин корт 2022” шуд. Барои гирифтани раводид бояд ба Алмаато мерафтем, вале мегӯянд, ки Сафорати Тоҷикистон низ додани раводидро шуруъ мекунад. Ҳақиқати ҳолро донистан мехоҳам.

Олимҷон,
ш. Душанбе



Аз 4-уми октябри соли 2022 Сафорати ИМА дар шаҳри Душанбе ба расмият даровардани раводидҳои муҳоҷиратии ИМА-ро барои шаҳрвандон ва сокинони Тоҷикистон оғоз мекунад.

“Дар давоми якум соли кор бо раводидҳои муҳоҷиратӣ, мо қабули шумораи зиёди аризадиҳандагонро аз Тоҷикистон, аз ҷумла аъзои оилаҳои шаҳрвандон ва иқоматкунандагони доимии ИМА, ғолибони лотереяи «Грин корт» 2023-ро (DV 2023) пешбинӣ мекунем”,- гуфта мешавад дар сомонаи Сафорати ИМА дар Тоҷикистон.

То октябри соли ҷорӣ раводидҳои муҳоҷиратии ИМА барои шаҳрвандон ва сокинони Тоҷикистон дар Консулгарии генералии ИМА дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ба расмият дароварда мешаванд.

Ғолибони лотереяи «Грин корт»-и соли 2022 (DV2022) супоридани аризаҳои худро дар шаҳри Алмаато то 30-юми сентябри соли 2022 идома медиҳанд.

“Дар давоми шаш моҳи оянда мо бо Консулгарии генералии ИМА дар шаҳри Алмаато ҳамкорӣ хоҳем кард, то гузариши осонро таъмин кунем ва маълумоти бештарро ба аризадиҳандагони раводид дар сомонаҳои худ пешниҳод намоем”,- таъкид мешавад дар хабари сафорат.

Дар соли 2022 Иёлоти Муттаҳида ва Тоҷикистон 30-юмин солгарди барпо намудани муносибатҳои дипломатиро ҷашн мегиранд. Бо рушди равобити дуҷониба хизматрасониҳои консулии ИМА васеъ гардиданд.

Зикр мешавад, ки ҷорӣ намудани хизматрасониҳо марбут ба раводидҳои муҳоҷиратӣ дар Тоҷикистон - ин пешравии назаррасест, ки минбаъд ҳам равобити дуҷонибаро таҳким мебахшад.

Сафорати ИМА дар шаҳри Душанбе хизматрасониҳоро роҷеъ ба дарёфти раводидҳои ғайримуҳоҷиратӣ дар соли 2006 шуруъ карда, даҳҳо ҳазор аризаҳоро баррасӣ кардааст. Бо илова намудани ба расмият даровардани раводидҳои муҳоҷиратӣ, Сафорати ИМА акнун маҷмӯи пурраи хизматрасониҳои консулиро ба шаҳрвандон ва сокинони Тоҷикистон пешниҳод хоҳад кард.